ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №3 (327) 11-уми марти соли 2022, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

## ҶАШН МУБОРАК БОШАД, МОДАРОНУ БОНУВОНИ АЗИЗ!




Зан - модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад.

Модар мавҷудест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ӯро бо шири сафеду ҷонбахшаш ва бо муҳаббате, ки танҳо хоси модарон аст, тарбия мекунад, ба камол мерасонад ва ба ҷорсӯи зиндагӣ дуои нек медиҳад.

Бинобар ин, арҷ гузоштан ба бузургии модар, ба ҷо овардани иззату эҳтироми ӯ ва расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии вай вазифаи ҷониву имонии ҳар як фарзанди солимфикру соҳибхирад ва қарзи инсонии ҳар як фарди бонангу номус ба шумор меравад.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - КАФИЛИ СУЛҲИ ТОҶИКОН




## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ




## РӮЗИ МОДАР МУБОРАК БОД!




## БОНУВОНИ МУВАФФАҚ




## ОЛИМИ ТАВОНО ВА ОМӮЗГОРИ АСИЛ




## ҲАРФИ ДОНИШҶӮ




## ЯК УМР МАШҒУЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ



*Агарчи ҷумла мардум орзуи кӯдакӣ доранд,*
*Касеро гар бигӯӣ: кӯдакӣ! Бисёр мераҷад.* *Рустами Ваҳҳоб*

Анвори дониш
№3 (327), ҶУМЪА, 11.03.2022

# ОЛИМИ ПУРКОРУ ОМӮЗГОРИ АСИЛ



*Миралиизода Абдусалом Мустафо, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Таърихи башар дар саҳифаҳои худ ашхоси номвару муътабар, шоиставу писандида ва кордону роҳбарро зиёд ба қалам додааст, ки ҳар кадоми онҳо дар ҳаёти инсоният аз худ нақш, мақом, ном ва осоре боқӣ гузоштаанд. Обрӯву эътибори миллат маҳз тавассути хизмати хирадмандона ва шоистаи мардони номвару донишманд ва обрӯманду боэътибораш муаррифӣ мегардад. Олимону обрӯмандон зимоми давлатдорӣ ва сарнавишти миллатро тақвият бахшида, барои наслҳои миллат давлати ободу мутараққӣ, фарҳанги ғаниву оламшумул ба мерос мегузоранд.

Идомаи мантиқӣ ва ҳикмати зиндагии инсонӣ маҳз дар он аст, ки наслҳои имрӯзро мебояд дар баробари пайравии кору пайкори гузаштагони баруманди хеш, гузар кардан аз пайроҳаи рӯзгори ибратомӯзи онҳо, инчунин, дар фаъолияти гуногунҷабҳаю ҳамарӯзаи худ мероси онҳоро тақвияту густариш бахшанд; бо баҳрагирӣ аз ганҷинаи пурҳикмати ниёгон ба чолишҳову пайомадҳои ҷаҳони муосир бархӯрди сазовор намоянд, дар ҳифз, равнақ ва густариши арзишҳои миллӣ, фарҳангу маданияти халқи хеш саҳмгузор бошанд.

Рӯзгор ва фаъолияти педагоги шинохта, суханвари ҳирфаӣ, олими тавоно ва омӯзгори асил Гурез Иброҳимов, ки умри пурбаракати хешро сарфи таълиму тарбияи насли ҷавону наврас намудааст, намунаи инчунин меросбари соҳибзаковат, посдоранда ва идомабахшу тақвиятбахши мероси ниёгон, муҳаққиқи навовару устоди соҳибмактаб мебошад.

Бист сол қабл аз ин бо устоди арҷманд Гурез Иброҳимов шинос шуда, дар аввалин дидор устодро марде дарёфтам, ки гӯё мо дер боз бо ҳам ошноем. Самимият, меҳрубонӣ ва сатҳи баланди касбияташон ҳамзамон эҳсос мешуд.

Хислати аҷиби устод Гурез Иброҳимов ҳамин аст, ки дар ҳама гуна вазъият бо чеҳраи кушодаву ризоманд ба истиқболат мебарояд ва дар зимн, нигоҳи амиқ, ҷиддӣ, мулоҳизакоронае дорад.

Мелоди Гурез Иброҳимов ба солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аниқтараш 03.05.1942 рост меояд. Солҳое, ки дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мардум дар талоши зинда мондан буданд, падараш бобои Иброҳим барои ба камол расонидани фарзандон, махсусан, Гурези хурдсол азияти рӯзгорро бар дӯш гирифта, ҷигарбандашро таълиму тадриси дурусту комил медиҳад. Кӯшиши бобои Иброҳим барои босавод гардонидани фарзандон аз он ҷиҳат самаранок баромад, ки ӯ худ шахси боилму донишманд буд. Ӯро дар деҳа мардум бо номҳои "Усто Иброҳим", "Мулло Иброҳим" садо мекарданд. Донишу заковат ва ба роҳи илму тарбияи насли ҷавон қадам гузоштани устод Гурез Иброҳимов низ маҳз аз ҳамин нукта сарчашма мегирад, яъне гузаштагони устод аҳли илму дониш буданд.

Устод Гурез Иброҳимов бо заҳмату талошҳои падар, дӯои неки волидайн ва талоши пайвастаи худ дар роҳи омӯзиши донишҳои замон ба мақоми волои инсонӣ - омӯзгори аслу номвар расид. Имрӯз хурду бузург аз ӯ ба хубӣ ёд карда, мисли падару бародар дӯсташ медоранду эҳтиромаш мекунанд.

Устод Гурез Иброҳимро маҳз заҳмату талош ва хоксориву одамияти баландаш ба қуллаи мурод расонидааст. Ӯ анқариб дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсонӣ кор кардааст, ки фаъолияти собиқааш ин нуктаро равшан месозад: 1959-1962 - дуредгари колхози "Ленинград"-и ноҳияи Кӯлоб, 1962-1969 - донишҷӯ, 1963-1966 - хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ, 1969-1972 - муаллими кафедраи педагогика ва психологияи Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ), 1972-1975 - омӯзгор ва ҷонишини директори мактаби миёнаи ноҳияи Қумсангир, 1975-1993 - муаллими калон, дотсенти кафедраи педагогика ва психология, 1993-1998 - сардори шуъбаи таълим, 1998-2005 - сардори шуъбаи тарбия, 2005-2009 - муовини ректори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба тарбия, 2010-2011 - декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика, 2011 - то инҷониб дотсент - мушовири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.



Зимнан бояд гуфт, ки 12-уми октябри соли 1994 дар нахустин маъракаи интихоботи Президентӣ, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ гардида буданд, аввалин вохӯрии худро аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намуданд. Дар ин маъракаи муҳимми сиёсии устод Гурез Иброҳимов раиси участкаи интихоботии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буданд. Дар он лаҳзаҳои ҳассос бардоштани ин бори масъулиятнок маънои ҷон дар кафи даст доштанро мемонд, аммо устод Гурез Иброҳимов ин вазифаи шаҳрвандию инсониро, ки дар пасманзари он ҳаёти минбаъдаи давлату миллат меистод, сарбаландона ба сомон расонид.

Самтҳои асосии таҳқиқоти илмии устод Иброҳимов Гурез ба тарбияи байналмилалии хонандагони синфҳои 5-6 ҳангоми корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ (дар асоси маводҳои таърих, адабиёти тоҷик ва география) бахшида шудааст.

Вобаста ба мавзӯъҳои илмӣ 3 монография, 6 дастури таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ва зиёда аз 100 мақолаи илмӣ-оммавӣ дар маҷаллаҳои илмиву матбуотӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла: "Мазмун ва мундариҷаи кори роҳбари синф" (Кӯлоб, 1987), "Роҳҳои фаъолгардонидани тарбияи интернатсионалии хонандагон" (Кӯлоб, 1990), "Роҳбарии корҳои тарбиявӣ ва коргузорӣ дар мактабҳои олӣ (Кӯлоб, 1995, "Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар мактаб" (Душанбе, 2003), "Роҳнамоии гурӯҳҳои таълимӣ (Кӯлоб, 2004), "Тарбияи интернатсионалии хонандагони синфҳои 5-6 ҳангоми корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ (монография)" (Кӯлоб, 2005), "Мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб" (Кӯлоб, 1992) ва ғайра.

Зери роҳбарӣ ва роҳнамоии устод Иброҳимов Гурез 4 нафар муҳаққиқ рисолаҳои номзадии худро муваффақона дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардидаанд. Ҳамзамон, шогирдони зиёди дигар бо машварат ва роҳнамоиҳои устод ба таҳқиқоти илмӣ машғул мебошанд.

Барои хизматҳои бисёрсола ва шоён, таълиму тарбияи олимони ҷавону мутахассисони оянда ва инчунин, ободкориву созандагиҳояшон устод Гурез Иброҳимов аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон" (1999), нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Тоҷикистон", медали ҷашнии "20-соли Ғалаба дар ҶБВ солҳои 1941-1945" (1965) сарфароз гардидаанд.

Имсол баҳори умри устоди гиромӣ, педагоги варзида, суханвар, омӯзгори асилу сарсупурда, шахси донишманду марди ҳалим Гурез Иброҳимов ба синни муборaки 80 мерасад. Милоди умри хуҷастаи ин олими нуктасанҷ ва омӯзгори соҳибмактабро муборакбод гуфта, барояшон тани сиҳат, пирӯзиву сарбаландӣ, рӯзгори осуда, саодатмандӣ, комгорӣ ва фатҳи баландтарин қуллаҳои илму фазлро таманно менамоем.

Милоди умр, камолоти инсонӣ, оғози марҳилаи шоҳкорҳои илмиву эҷодӣ ва тарбияи олимони ҷавону умедбахш муборак бод, устоди азиз!

# ТРАДИЦИОННЫЕ И ИННОВАЦИОННЫЕ ПОДХОДЫ В ВОСПИТАНИИ

По своей сущности традиции и инновации сосуществуют в неразрывном единстве, под которым следует понимать их гармоничное взаимодействие.

Инновации в воспитании - это системы или долгосрочные инициативы, основанные на использовании новых воспитательных средств, способствующие социализации детей и подростков и позволяющие нивелировать асоциальные явления в детско - юношеской среде.

Инновации и традиции - взаимосоставляющие современной школы. Инновация это ключ к изменениям. Непрерывное совершенствование - естественная форма существования человеческой деятельности. Традиции или инновации… Теория или практика… Новое или старое… Это можно продолжать до бесконечности. Инновации и традиции - два полюса мира образования. Они служат ориентиром в развитии педагогической науки и практики.

Традиция (от лат. traditio - передача) - элементы социального и культурного наследия, передающиеся от поколения к поколению и сохраняющиеся в определенных обществах и социальных группах в течение длительного времени. В качестве традиции выступают определенные общественные установления, нормы поведения, ценности, идеи, обычаи, обряды и т. д. Те или иные традиции действуют в любом обществе и во всех областях общественной жизни.

Для обыденного сознания эпохи модерна слово "традиция" - это то, что не создано индивидом, не является, продуктом его собственного творческого воображения ассоциируется в первую очередь с тем, что связано с прошлым, утратило новизну и в силу этого противостоит развитию и обновлению, что само по себе неизменно.

Традиционный подход к воспитанию - это организация учебно-воспитательной деятельности, базирующаяся на классно-урочной системы. Обучения с применением традиционных направлениях воспитательного воздействия, возникшей и совершенствовавшейся на протяжении длительного исторического периода развития общества.

Традиционное воспитание возникло практически одновременно с развитием с развитием общества и проявлялось в различных формах, в зависимости от культурного и исторического этапа социального развития.

Инновация (англ. innovation - нововведение) - явления культуры, которых не было на предшествующих стадиях ее развития, но которые появились на данной стадии и получили в ней признание ("социализировались"); закрепившиеся (зафиксированные) в знаковой форме или в деятельности посредством изменения способов, механизмов, результатов, содержаний самой этой деятельности.

У любого народа традиции в педагогике всегда были основой для построения национальной образовательной системы, потому что только они - традиции- вышли из жизни и проверены жизнью. Инновационный процесс же направлен на изменение компонентов деятельности человека. Но и здесь идеи берутся из богатого традициями прошлого.

Как сказал один из русских философов: "…Утрачивающий традиции скатывается вниз. Но горе тому, кто ограничивается только охранением традиции. Если поступать так, это означает, что и традиции, которую охраняют, недолго осталось жить. Нет традиции вне непрестанного творчества, вне утверждения её в наиболее совершенных, наиболее отвечающих характеру именно данного времени формах". Процесс обучения как деятельность в традиционном понимании, характеризуется отсутствием самостоятельности, слабой мотивацией учебного труда. В таких условиях этап реализации учебных целей превращается в труд "из-под палки" со всеми его негативными последствиями.

В последние десятилетия под инновацией в целом понимается процесс создания, освоения, использования и распространения новшеств в образовании. Существенной характеристикой инновационных процессов являются идеи, выведенные из богатого традициями прошлого. Жизненно важно создать и сохранить баланс традиции и инновации в образовании.

Сегодняшняя педагогика нуждается в специалистах, фундамент умений которых закладывается в рамках стандартной традиционной педагогики, но при этом чутких к инновациям, непрерывно происходящим в образовательной среде. Существование традиций невозможно без внедрения инноваций. Чтобы это доказать, нужно всего лишь вспомнить поговорку "Все новое -это хорошо забытое старое". А если говорить об образовательном процессе, то можно сказать, что всё старое когда-то было новым, те методы, формы и подходы к образованию, которые когда-то были инновационными, теперь стали традиционными.

Зачастую под традицией понимается лишь косное, никому не нужное отжившее старое, мешающее развитию наследие прошлого, бессмысленно воспроизводящееся в современности. С другой точки зрения именно традиции в педагогике любого народа всегда были основой для построения национальной образовательной системы, так как только народные традиции, вышедшие из жизни и проверенные жизнью, могут быть аксиоматичны. Возникшие в глубокой древности традиции играют определяющую роль в воспитании и образовании новых поколений.

***Джумаева Дилором, кандидат педагогических наук, председатель Совета женщин и девушек университета***

# ТАҶАЛЛИИ СИРИШТИ ПУР АЗ МУҲАББАТ



*Шарофат Худойдодова, Зарторбӣ Табарова, устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Фаъолияти назарраси ҷамъиятии Муҳаббат Иноятовна низ қобили пайравӣ буда, мавсуф ҳамчун вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб миёни интихобкунадагон аз эҳтироми хосса бархурдор аст, зеро бо анҷоми амалҳои неку созанда дар ободию сабзгардонии шаҳри Кӯлоб саҳми беандоза мегузоранд.**

Бо муҳаббати хосса баҳри муаррифии ҳаёту фаъолияти бонуи хушному хушсалиқа, маҳбубу соҳибэҳтиром, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Муҳаббат Иноятовна Иззатова рӯи равзанаи роёна ҳуруфчинӣ менамоем, зеро аз ҷумлаи он таълимдиҳандагоне ҳастанд, ки дар пешаи худ камназир ва бо заҳматҳои пайваставу дуди чароғ хӯрданҳо, шабро ба рӯз табдил доданҳо дар миёни аҳли илм ва маорифи кишвар ҷойгоҳи арзандае доранд.

Оре! Муҳаббат Иноятовна рисолати омӯзгориро хуб медонад, ки омӯзгор ҳидоятгар ба сӯи рушноӣ ва фардои нек аст.

***Гиромитар зи ту фарде надидам,***
***Расули хоси яздонӣ, муаллим.***

Муҳаббат Иззатова 10-уми марти соли 1952 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1969 мактаби миёнаро хатм карда, солҳои 1969-1973 дар факултети омӯзгории Донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) таҳсил карда, онро бо дипломи аъло хатм намуда, ҳамон сол бо роҳхат ба Донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлоб (айни ҳол Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) ба фаъолият оғоз намуд.

Соли 1977-1980 дар аспирантураи Институти илмӣ-татқиқотии Академияи илмҳои педагогии собиқ Иттиҳоди шӯравӣ дар шаҳри Москва таҳсил намуда, моҳи октябри соли 1980 рисолаи номзадиашро таҳти роҳбарии профессори лабораторияи тарбияи оилавии Институти илмӣ-татқиқотии тарбияи томактабӣ Маркова Т.А. дар мавзӯи "Хусусиятҳои тарбияи меҳнатии кӯдакони синни калони томактабӣ ва роҳҳои ташаккули он дар оилаҳои деҳоти Тоҷикистон" бомуваффақият дифоъ намуда, соли 1993 унвони дотсентиро дарёфт кард.

Устод М.Иззатова таи солҳои 1997 то 2005 роҳбарии кафедраи тарбияи томактабиро ба уҳда доштанд. Дар ин муддат дар кафедра ба сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони соҳаи тарбияи томактабӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Дар воқеъ, 48 сол дар як донишгоҳ ва дар як кафедра фаъолият доштан кори саҳл нест. Вале устод Иззатова М.И. дар ин муддат тавонист, ки ҳамаи мушкилотро паси сар намуда, ҳадафҳои неки дар замираш бударо ҷомаи амал пӯшонад.

Маҳз ҳамин масъулиятшиносии ӯро ба инобат гирифта, моҳи феврали соли 2005 раёсати донишгоҳ ба ӯҳдаи муаллима роҳбарии яке аз факултетҳои калонтарини донишгоҳ, факултети омӯзгорӣ ва тайёрии дифои ҳарбиро вогузошт, ки дар ин ҷода то соли 2012 сарбаландона ифои вазифа намуданд.

Ҳаёти оилавии ин зани озодаву порсо бо устоди шодравон, академики маҳбуб Самариддин Каримов (Рӯҳашон шод, ёдашон гиромӣ бод!), ки соҳиби мартабаи бузурги илмӣ, ҷойгоҳи воло ва дараҷаи олии камоли инсонӣ буданд, сипарӣ гардида, фарзандони накӯному нафърасони ҷомеаро парвою парвариш додаанд.



Дар соли 2015 зери роҳбарии профессор Маҷидова Б. аз нахустин занони донишгоҳ буданд, ки рисолаи доктириро зери унвони "Пайдоиш ва инкишофи муассисаҳои таълимии томактабӣ дар Тоҷикистон" дифоъ намуданд. Айни замон ба ҳайси профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ фаъолият намуда, дар соли 2015 барои дастовардҳои назарраси илмӣ, эшон ҳамчун "Олими сол"-и донишгоҳ дониста шуданд. Дар ин муддат 3 шогирди ӯ бо навбат рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд ва имрӯз дар рушди илми ватанӣ саҳм мегузоранд. Айни замон зери роҳбарии муаллима унвонҷӯёну магистрантон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд.

Муаллима пайваста ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буда, самараи заҳматҳои бисёрсолаи ин пажӯҳишгари муваффақ 126 номгӯи асарҳои илмӣ, методӣ ва китобҳои дарсӣ мебошад. Хизматҳои бисёрсолаи бенуқсони муаллима М.И. Иззатова дар соҳаи маориф ва пеш бурду такомули тарбияи томактабӣ ва таълиму тарбияи мутахассисҳои ҷавон ба ҳисоб гирифта шуда, он кас ба Ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси вилояти Хатлон, Раиси шаҳри Кӯлоб, нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон ва соли 2015 бо Медали "Хизмати шоиста" қадрдшиносӣ гардидааст.

Фаъолияти назарраси ҷамъиятии Муҳаббат Иноятовна низ қобили пайравӣ буда, мавсуф ҳамчун вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб миёни интихобкунадагон аз эҳтироми хоса бархурдор аст, зеро бо анҷоми амалҳои неку созанда дар ободию сабзгардонии шаҳри Кӯлоб саҳми беандоза мегузоранд.

Дар авҷи камолоти умр, дар пайи амалӣ кардани орзую ниятҳои нек, дуою ниёиш баҳри рифоҳу сулҳу суботи кишвари азизамон ба муаллимаи бофазилату хушсалиқа имкони зиёрати Каъба низ фароҳам омад.

Дар оғози фасли зебои баҳор аз таҷаллии сиришти пур аз муҳаббати ин бонуи зебо, устоди хайрхоҳу некниҳод ва хушзавқу боистеъдод гулистони 70-умин соли баҳори умри пурсамарашон гулафшон асту накҳати ин чаманистон рӯзгорашро боз муаттару мубаррою мусаффо гардонидааст.

Дар ин рӯзи фархундаву муҳаббати фарзандону пайвандон, ҳамкасбону шогирдон ва ёру дӯстон нисори бонуи хушқалбу орифаву отифа Муҳаббат Иноятовна бод! Ба устоди гиромӣ умри бардавому тансиҳатии комил ва саодату нишоти ҷовидонӣ таманно дорем!

## • Шеъри рӯз



*Ашӯр Сафар*

### КИТОБ

*Гул саҳар лаб во кунад аз хандаҳои офтоб,*
*Мекушояд сафҳаҳои фикри одамро китоб.*
*Рӯзгори одамӣ пур аз фарозу шебхост,*
*То ба баҳре рӯд резад ҳаст дар ранҷу азоб.*
*Тоб овардан ба ҳар як мушкилӣ шарт асту фарз,*
*Оҳан андар обу оташ сахт ёбад обутоб.*
*Ноумедӣ дар раҳи умедҳо бошад хато,*
*Орзу хандад ба рӯят, гар кунӣ кори савоб.*
*Зиндагӣ побастаи хушкомию нокомиҳост,*
*Мол зери пӯст фарбеҳ шавад, гоҳе хароб.*
*Аз шитоби умру аз заъфи бадан ҳаргиз манол,*
*Сол дорад ҳам баҳору ҳам хазон андар ҳисоб.*
*Шодии рӯи замин аз осмон н-афтодааст,*
*Аз ғами садсолаҳо шуд он бо ҳастӣ комёб.*

## ДУ ҲИКМАТ

**Дӯстони азиз! Мо дар ютуб шабакае бо номи "Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ" созмон додем, ки дар он беҳтарин қиссаҳо нақл карда мешаванд. Аз ин хотир, ба шабакаи мо обуна шавед ва ғизои маънавӣ гиред!**

### ХИЁНАТ

Духтари ҷавоне аз Мексико барои як сафари хизматӣ ба Орҷонтин рафт. Пас аз ду моҳ аз номзади мексикоии худ номае бо чунин мазмун дарёфт кард:

- Лораи азиз, мутаассифона дигар наметавонам ба робитаамон аз ин роҳи дур идома бидиҳам ва бояд бигӯям, ки дар ин муддат даҳ бор ба ту хиёнат кардам. Маро бубахш ва аксеро, ки ба ту дода будам, бароям пас равон кун.

Духтари ҷавон аз ин рафтори номзадаш сахт ранҷид. Аз ҳамаи дӯстон ва ҳамкоронаш хост, ки аксе аз худ, дӯстон, писари амак ва писари тағоҳояшонро барои чанд рӯз ба ӯ бидиҳанд. Лора ҳамаи он аксҳоро якҷо бо акси номзади бевафояш дар як мактуб гузошта ва ҳамроҳ бо як хатчае бо чунин мазмун ба номзадаш фиристод:



- Роберти азиз, маро бубахш. Ҳарчанд ки фикр кардам, аммо қиёфаатро ба хотир оварда натавонистам. Лутфан акси худатро аз миёни ин аксҳо ҷудо кун ва бақияро ба ман бифирист.

***("Аз ҳар зовия")***

### ТАЛАБИ ҲАҚИҚАТ

Пиразане аз як деҳаи дур назди Султон Маҳмуд омад ва шикоят арз кард:

- Султонам, ҳокиме, ки ту ба деҳаи мо таъйин кардаӣ, молу мулки моро ба ғорат бурд. Ман як пира[redacted]ни бекасам. Ҳатто ба ман ҳам [redacted]ҳм накард. Адолат меҳоҳам.

С[redacted]тон ҳамон лаҳза ба номи ҳоки[redacted] деҳа нома навишт, талаб корд[redacted]ки молу мулки пиразанро барг[redacted]донад.

П[redacted]азан аз шодӣ гӯё пару бол баро[redacted]арду ба деҳа омад ва ғолибона номаро ба ҳоким дод. Аммо ҳоким бепарвоёна номаро ба як сӯ партофт ва мушт бар сари зан кашиду гуфт:

- Эй пиразани аблаҳ! Ту бо ман бозӣ макун.

Пиразан малол шуду гирист ва додхоҳона бори дигар ба ҳузури Султон Маҳмуд омад. Султон ба ӯ теғи нигоҳ кашид:

- Эй аҷуза, боз омадӣ?

Кампир нолон гуфт:

- Номаатро бурдам, аммо ҳоким қабул накард.

Султон бо қаҳр гуфт:

- Агар ҳоким қабул накард, пас, хок бар сар кун.

Пиразан ба шӯр омад:

- Ту хок бар сар кун, эй Султон, ки амратро дар қаламрават иҷро намекунанд.

Аз ин сухани хашмгини кампир Султони мағрур ба худ омад ва ба лашкариёнаш амр кард:

- Ҳамроҳи ин деҳа равед ва фалон ҳокими гарданшахро дар сари роҳ ба дор кашед, то ҳама бидонанд, ки саркашӣ аз амри Султон чӣ оқибате дорад!

Лашкариён пеш-пеш ва кампир аз дунболи онҳо ба деҳа расиданд ва амри Султонро ба ҷо оварданд.

Кампир, ки адолатро боз ёфта буд, хушнудона мегуфт:

- Ҳақ ҳамеша ба ҳақдор мерасад.

***(Аз ҳикояҳои таърихӣ)***

***Таҳияи***
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Шере, ки даруни панҷара зода шудаст,*
*Шоҳест, ки бе ғӯру кафан мемонад...* *Давлати Раҳмониён*

Анвори дониш
№3 (327), ҶУМЪА, 11.03.2022

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - КАФИЛИ СУЛҲИ ТОҶИКОН



Волотарин дастоварди мардуми тоҷик дар таърихи навин соҳиб шудан ба истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ имконпазир гардид.

Истиқлоли давлатӣ барои мо - тоҷикистониён ба осонӣ ба даст наомад. Бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷи кишварамон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафот ва ҳисороти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гашта, пояҳо, рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонид, қонуншиканӣ ва бесарусомониҳоро дар мамлакат ба вуҷуд овард.

Дар чунин шароити душвор шаҳрвандони тамоми манотиқи кишвар, ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ ба воситаи вакилони халқ дар мақоми олии намояндагии мамлакат масъулияти бузург ва беназири давлатдории хешро ба воситаи Шурои Олӣ ифода сохта, ба он ноил гардиданд, ки баҳри баркарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид.

Дар он вақт Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми масъулиятро дар назди таърих, халқу Ватан ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба душ гирифта, самти тараққиёти онро дар Иҷлосияи XVI муайян кард. Шӯрои Олӣ роҳбарияти нави мамлакатро тахти сарварии Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд.

Халқи Тоҷикистон дар марҳилаи наву тақдирсоз симои роҳбари худро дар шахсияте медид, ки он бевосита аз байни халқ баромада ва барои халқ дар шароити гузариш фаъолияти пурмасъулиятро ба душ гирифта метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун вакили халқ, ки дар байни зиёда аз даҳ номзад интихоб гардида буд, ҳамеша ба ростгӯӣ, хақиқатҷӯӣ, серталабӣ нисбат ба худ ва дигарон дар ҳамаи иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ нақши аввалиндараҷа мебозад. Ӯ савганд ёд намуда гуфт: "... кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард... Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем..." Ин садоқату самимиятро дар ҷараёни хидматҳояш дар назди халқу Ватан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон бараъло собит намуда истодааст.

*Ба шири модарат хурдӣ қасам,*
*сулҳ меорам,*
*Хариди ҷони ҳар як*
*тоҷикистонӣ, ту меарзӣ*

*Сипосу азр тахти дил бигӯянд*
*халқ пеши ту,*
*Чӣ ҷойи гап, ки ба ҳар дард*
*дармонӣ, ту меарзӣ.*

Пешвои миллат тамоми саъю кушишҳояшонро баҳри ободии Тоҷикистони азиз равона карда, миллати тоҷикро дар арсаи байналмиллалӣ бо кордонию меҳмонпарастӣ, меҳмондӯстиву меҳмоннавозӣ муаррифӣ намуд.

Туфайли заҳмату талошҳои Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ватани мо рӯз аз рӯз ободу зебо гашта, Тоҷикистон ба биҳишти рӯи замин мубаддал гаштааст.

Сохта ва ба истифода додани як қатор муассисаву корхонаҳои соҳаҳои гуногун дар саросари кишвар, таъсиси МИО, таъсиси садҳо ҳазорон ҷойҳои нави корӣ барои ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо гувоҳи рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистони азиз аст.

Имкониятҳо фаровон барои донишазхудкунӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, шуғл варзидан ба касбу кори дилхоҳ муаррифи ҳунарҳои қадимаю таърихии мардуми тоҷик ба ҷаҳониён ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бо Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гаштани солҳои 2019-2021, маҳз барои эҳё гардонидани касбу ҳунарҳои мардуми тоҷик ва имтиёз баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвари азизамон гувоҳи онанд.

Бо ин ҳама хизматҳои шоён ва содиқ будан ба ин халқу Ватан Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар қалби хурду бузурги мардуми тоҷик маскан гирифта, қуввату мадам ба қалби пурэҳсоси онҳо гаштаанд. Аз сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар мардуми тоҷик сарфароз гашта, бо чунин сарвари адолатпарвар мефахранд ва доимо дуогӯю шукргузор аз он ҳастанд, ки Худованд ба мо чунин сарвари хирадманд, оқил ва пуштибонро насиб гардонидааст.

Бошад, ки дар ватани маҳбуби мо, Тоҷикистони азиз фазои сулҳу субот ҳукмфармо бошаду мардуми шукргузори тоҷик дар зери партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон давлатдорӣ намуда, Тоҷикистон ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи хосаро ишғол намояд.

*Шаҳрбону БОБОХОНОВА,*
*саромӯзгори кафедраи*
*менеҷмент ва маркетинг*

*Ба ифтихори 70-солагии муаллима Иззатова Муҳаббат*

# ЯК УМР МАШҒУЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ



Ӯ дар ҷомеаи пуртаззоди муосир бо хидмату пайкори аҳли илму дониш рушд карда, устод гардид. Рушди ҷомеа маҳсули заҳмати бедареғи зиёиёну фарҳангиёну омӯзгороне мебошад, ки маҳз аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути авлавият қарор додани рушду тараққии соҳаи маориф ва роҳнамоиву ҳидоятҳои ин шахсияти беназири таърихи муосири мо бунёд гардидааст. Соҳаи аз ҳама муҳим ва калидии ҳар кишвари соҳибфарҳангу соҳибтамаддун, пеш аз ҳама, низоми омӯзишӣ ё маорифи он дониста мешавад, ки тараққӣ ва рушди босуботу бомаром ва илмии соҳаҳои дигар ба пешрафти он иртиботи комил дошта, нақши масъулону мутахассисони варзида ва кордону кордида аз омилҳои асосӣ шуморида мешавад.

Дар мавриди шахсоне, ки ҷомеа онҳоро шинохта қадр менамояд, онҳо таҷассумгари олами хоси маънавӣ ва равонӣ ҳастанд. Маҳз ҳамин хусусияти хоси маънавию ахлоқии онҳо барои шогирдон, пайравон ва аҳли ҷомеа намунаи ибрат ва мояи худогоҳӣ ва худшиносист. Сифатҳои фардии онҳо дар ҳар кору пайкор боиси инкишофу рушди ҷанбаи мухталифи ҳаёти ҷомеа мегардад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат Инноятовна, ки умри хешро сарфи таълиму тарбияи насли ҷавони миллат кардааст, дорои чунин сифатҳо мебошанд.

Профессор Иззатова М.И. аз ҷумлаи он омӯзгоронест, ки дар пешаи худ камназир аст, зеро ӯ бо заҳматҳои пайваста шабро ба рӯз табдил доданҳо ӯ тавонист дар миёни аҳли илм ва маорифи кишвар ҷойгоҳи арзандаеро пайдо кунад. Ӯ хуб медонад, ки омӯзгор ҳидоятгар ба сӯи рушноӣ ва фардои нек аст.

Муҳаббат Иззатова 10-уми марти соли 1952 дар шаҳри Кӯлоб дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1969 мактаби миёнаро хатм карда, солҳои 1969-1973 дар факултети омӯзгории Донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) таҳсил карда, онро бо дипломи аъло хатм намуда, худи ҳамон сол фаъолияти кории худро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намудааст.

Соли 1977-1980 дар аспирантураи Институти илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои педагогии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Маскав таҳсил намуда, моҳи октябри соли 1980 рисолаи номзадиашро тахти роҳбарии профессори лабораторияи тарбияи оилавии Институти илмӣ-таҳқиқотии тарбияи томактабӣ Маркова Т.А. дар мавзуи "Хусусиятҳои тарбияи меҳнатии кӯдакони синни калони томактабӣ ва роҳҳои ташаккули он дар оилаҳои деҳоти Тоҷикистон" бомуваффақият дифоъ намуда, соли 1994 унвони дотсентиро соҳиб гардидааст.

Фаъолияти кории М.Иззатова доманадор буда, дар тамоми самти соҳаи маориф фаъолият намудааст. Мухтасари шарҳи ҳоли эшон бозгӯи фаъолиятиашон махсуб меёбад. Педагог, номзади илмҳои педагогика (1980), дотсент (1993), Аълочии маорифи Тоҷикистон (1995), омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи факултети омӯзгории ИДПК (1973-1976), аспиранти Институти илмӣ-тахқиқотии тарбияи томактабии АИП СССР (1976-1979), муаллими калон (1979-1985), мудири кафедраи тарбияи томактабӣ (1985-2005), дотсенти кафедраи тарбияи томактабӣ (1990-2005), декани факултети омӯзгории ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2005-2012). Аз соли 2012 дотсенти кафедраи тарбияи томактабии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Дар мавзуи "Хусусиятҳои тарбияи меҳнатии кӯдакони синни калони томактабӣ ва роҳҳои ташаккулёбии он дар оилаҳои деҳоти Тоҷикистон" (1980, Москва) рисолаи номзадӣ, дар мавзуи "Бавуҷудоӣ ва инкишофи муассисаҳои таълимӣ-томактабӣ дар Тоҷикистон (1924-2004) соли 2015 рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Бо нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (1995, Душанбе) мукофотонида шудааст. Муаллифи беш аз 55 монография, китоби дарсӣ, мақолаи илмӣ ва илмӣ-методист.

Иззатова М. тамоми умри худро, аниқтараш 50 сол дар як донишгоҳ ва дар як кафедра фаъолият намуда, шогирдони зиёдро ба воя расонидааст. Маҳз ҳамин масъулиятшиносии ӯро ба инобат гирифта, роҳбарияти донишгоҳ аз моҳи феврали соли 2005 то соли 2012 масъулияти декани факултети омӯзгорӣ ва тайёрии дифои ҳарбиро бар зимаи ӯ гузоштанд. Дар муддати роҳбарияшон аз худ намунаи беҳтарин роҳбарӣ нишон дода тавонистанд.

Муаллимаи азиз, дар баробари фаъолияти идорӣ ба тарбияи кадрҳои илмӣ низ вақт ҷудо мекард. Дар ин муддат се шогирди ӯ бо навбат рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд ва имрӯз дар рушди илми ватанӣ саҳм мегузоранд. Айни ҳол зери роҳбарии муаллима як зумра унвонҷӯёну магистрантон ба корҳои илмӣ-тахқиқотӣ машғуланд.

Муаллима пайваста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буда, самараи заҳматҳои бисёрсолааш 126 номгӯи асарҳои илмӣ, методӣ ва китобҳои дарсӣ мебошад. Соли 2015 ҷоизаи донишгоҳи "Олими сол"-ро насиб гаштааст. Хизматҳои бисёрсолаи муаллима М. Иззатова дар соҳаи маориф ва пешбурду такомули тарбияи томактабӣ ва таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон бо ифтихорномаҳои вазорати маориф ва илми ҷумҳуриву вилояти Хатлон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, медали Хизмати шоиста қадрдонӣ шудаанд.

Муаллима вакили маҷлиси намояндагони шаҳри Кӯлоб, ҳавзаи №11, даъвати 6-ум мебошад. Зимнан бояд гуфт, ки муаллимаи азиз, бонуи зебо устоди хайрхоҳу некниҳод, хушзавқу боистеъдод дар фасли зебои баҳор аз 70-умин умри пурсамари хеш гул мечинад. Гулҳои саршор аз меҳру муҳаббати фарзандони пайвандон, ҳамкорону шогирдон ва дӯстон мо низ бонуи зеборо самимона муборакбод менамоем. Ногуфта намонад, ки устод ҳоло дар қатори худ шогирдҳои хубе ба воя расонидааст.

Дар фарҷом, ки рӯзи мавлудашон ба оғози фасли зебои сол - баҳор рост меояд, ба соҳибҷашн бонуи арсаи илму таълими кишвари ҳамешабаҳорамон, ки ба синни камолоти 70-солагӣ мерасад, ӯро ба ин муносибат самимона табрику таҳният гуфта, дар бобарварда гардидани тамоми орзуҳояш тавфиқ хоста, таманнои он дорем, ки донишу маҳорати ӯ дар рушду тараққии меҳани биҳиштосо хизматҳои арзанда хоҳад кард.

*Миралӣ ДАВЛАТОВ,*
*декани факултети омӯзгорӣ*
*ва фарҳанг*

# БАРГУЗОРИИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР ДОНИШГОҲ




Санаи 1-уми март дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мизи мудаввар дар мавзуи "Модар сарчашмаи меҳру вафо" бахшида ба 8-уми март рӯзи Модарон баргузор гардид.

Дар ин мизи мудаввар ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, сардори раёсати илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самариддинова Зайнаб, сардори шуъбаи кор бо занон, номзади илмҳои филологӣ Ҷумаева Дилором, мудири кафедраи адабиёт, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқова Зайналбӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ашурова Нодира ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Нахуст сухани ифтитоҳиро дотсент Ҷумаева Дилором оғоз намуда, қайд намуданд, ки "Модар неъмати бебаҳо, сарчашмаи муҳаббати беканор ва азизтарин шахсияти башар аст. Меҳри бепоён ва навозишҳои гарми ӯ фонуси хаёлҳои мост. Манзалат, қиммат ва муҳаббати гаронбаҳои модар дар шаҳдрези каломи шоирону орифон, фозилону олимон баръало равшану ҷилвагар аст". Сипас, дотсент Шарофат Худойдодова дар мавзуи "Зан ва сиёсати гендерӣ", дотсент Холиқова Зайналбӣ дар мавзӯи "Ҷойгоҳи занон аз нигоҳи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" суханронӣ намуданд.

Дар охир мизи мудаввар бо муҳокимаи омӯзгорону донишҷӯён ба итмом расид.

# ЧАНД ХУШХАБАР



Рӯзи 25.02.2022 бо судури як фармоиши Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи номзадии 7 нафар омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ гардиданд. Инҳо:

1. Ғуломова Садбарг, саромӯзгори кафедраи адабиёти хориҷӣ бо методикаи таълими забон ва адабиёти рус;
2. Нурматова Зарина, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ;
3. Шаҳбози Рустамшо, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;
4. Ғуломов Зикрулло, саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
5. Уроқов Мирзомурод, саромӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими он;
6. Давлатов Наҷмиддин, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ;
7. Мазарифов Манучеҳр, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

Раёсати донишгоҳ муҳаққиқонро барои ин муваффақият самимона табрик гуфта, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ



Санаи 25-уми феврал дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи психология конфронси илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Психологияи ҳаёти оилавии ҷавонон дар замони муосир" баргузор гардид.

Дар конфронс Рафиев Сафархон-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, Худойдодова Шарофат-номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, Шарипов Анвар Абдурасулович-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори раёсати таълими донишгоҳ ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Нахуст сухани ифтитоҳиро дотсент Рафиев Сафархон оғоз намуд. Сипас, Шарипов Анвар Абдурасулович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология дар мавзуи "Таҳлили психологӣ оид ба интихоби ҳамсар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Набиева Муқаддас, саромӯзгори кафедраи мазкур дар мавзуи "Тайёрии психологии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ", Изатова Нозанин, саромӯзгори кафедра дар мавзӯи "Мавқеи оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар тарбия ва ташаккули инсон" ва Давлатова Малоҳат, саромӯзгори кафедра дар мавзӯи "Оилаи солиму мустаҳкам асоси фардои дурахшон" баромад намуданд. Конфронс бо саволу ҷавоб ва музокираҳои устодону донишҷӯён ба анҷом расид.

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ОЛИМОН ВА РАЁСАТ



Таърихи 28-уми феврал дар маҷлисгоҳи бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷаласаи Шӯрои олимон ва Раёсати донишгоҳ баргузор гардид.

Дар ҷаласаи Шӯрои олимон ноиби ректор оид ба таълим Холиқзода Айниддин оид ба "Ҷамъбасти сессияи имтиҳонотии зимистонаи соли таҳсили 2021-2022 дар таълими рӯзона" ва мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ, дотсент Файзуллоева Фирӯза оид ба "Ҳолати таълиму тарбия, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" суханронӣ намуда, муваффақият ва камбудиҳоро дар ин самт ироа намуданд.

Дар ҷаласаи Раёсати донишгоҳ ҳисоботи гурӯҳи корӣ, роҳбари гурӯҳ Самариддинова Зайнаб оид ба "Беҳтар намудани самаранокии маҳфилҳои фаннӣ, омодагӣ ба озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ" ва маълумотномаи сардори раёсати тарбия Гулов Рустам оид ба "Натиҷагирӣ аз фаъолияти кории роҳбарони гурӯҳҳои академӣ дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2021-2022" шунида ва муҳокима карда шуданд.

Ҳамчунин, оид ба масъалаҳое, дар маҷлиси Вазорати маориф ва илм мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд, суханронӣ шуд. Аз ҷумла, вобаста ба татбиқи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимӣ, шароити мусоиди таълим, пояи модӣ-техникӣ, бо шароити хуб омода нумудани озмоишгоҳҳо, муҳокимаи иҷрои корҳои озмоишӣ, таҷрибавӣ ва сифати таълими онҳо, тақсимоти соатҳои таълимӣ, таҳлили дарсҳои омӯзгорон, истифодаи технологияи муосир ҳангоми дарс, таҳия ва таъмини китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ мавриди масъалагузорӣ қарор гирифтанд.

Дар итмом Раиси Шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Миралиизода Абдусалом Мустафо ба аъзоёни ҷаласа оид ба ҳалли мушкилоти дар Шӯро ва Раёсат зикргардида супоришҳои қатъӣ доданд.

# РӮЗИ "ДАРҲОИ КУШОД"



Санаи 2-юми марти соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯзҳои "Дарҳои кушод" баргузор гардид. Дар ошёнаи аввали бинои нави донишгоҳ намоиши дастовардҳои донишгоҳ, омӯзгорон ва донишҷӯён ба маърази тамошои хонандагон гузошта шуда буд, ки ҳудуди 500-нафар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи Кӯлоб ширкат варзиданд. Ба довталабон маълумотҳо оид ба фаъолияти донишгоҳ пешкаш карда шуд.

Пас аз намоиши дастовардҳо дар "Толори фарҳангӣ"-и донишгоҳ бо ҳамроҳии хонандагон Холиқзода Айниддин ноиби ректор оид ба таълим, Шарипов Анвар, сардори раёсати таълими донишгоҳ, Худойдодова Шарофат ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва деканони факултаҳо сӯҳбати озод намуданд. Нахуст сухани ифтитоҳиро ноиби ректор оид ба таълим Холиқзода Айниддин оғоз намуданд.

Сипас, Худойдодова Шарофат ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ суханронӣ намуда, ҳамаи хонандагонро ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ даъват намуданд ва интихоби довталабонро ба ин донишгоҳ тавсия намуданд. Боқимондаи вақтро бо саволу ҷавобҳое, ки аз ҷониби хонандагон дар бораи донишгоҳ ва факултаҳои гуногун дода шуда буд, гузарониданд ва ба ҳар як савол ҷавобҳои саҳеҳ ва пурра гардонида шуд. Як қисми саволҳо мутааллиқ ба факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ рабт доштанд, ки ба ин саволҳо ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Худойдодова Шарофат посух доданд.

Ҳамчунин, деканҳои факултаҳо Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика ва Шарипова Одинамо декани факултети филологияи рус доир ба таҳсил дар факултаҳои номбурда баромад намуданд.

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ДОНИШГОҲӢ

Санаи 28-уми феврал дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи "Сиёсати молиявии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ- аграрӣ" баргузор гардид.

Дар ин конфронс ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон, декани факултаи молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каҷкуллоев Абдухолиқ, мудири кафедраи молия ва қарз, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилов Низомиддин, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Мирсаидов Муҳаммаднаим ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни факултаи молиявию иқтисодӣ иштирок доштанд.

Нахуст суханро дотсент Рафиев Сафархон оғоз намуданд. Сипас, дотсент Комилов Низомиддин дар мавзӯи "Тамоюлҳои рушди истеҳсолоти маҳсулотҳои агросаноатии минтақаи Кӯлоб: мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтарсозии онҳо", дотсент Мирсаидов Муҳаммаднаим дар мавзуи "Фаъолгардонии сиёсати сармоягузорӣ бо мақсади таъмини бехатарии иқтисодӣ ва имкониятҳои ба бозори ҷаҳонӣ баромадани маҳсулотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", муаллими калони кафедраи молия ва қарз Холматов Баҳром дар мавзуи "Татбиқи имтиёзҳои андозбандӣ барои корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ассистенти кафедраи молия ва қарз Ҳаёев Қиёмиддин дар мавзуи "Қарзи бонкӣ механизми асосии таъмини соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ" суханронӣ намуданд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ (таҳсили рӯзона) Обидов Самандар Холназарович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит диниста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ (таҳсили рӯзона) Саидов Қурбоналӣ Ҷурахонович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит диниста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика (таҳсили рӯзона) Сайбурҳонов Юнус Саидисуфович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит диниста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-уми факултаи химия, биологияи ва география (таҳсили рӯзона) Сайфиддинова Шабнам Нуриддиновна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит диниста шавад.

*Покон ситам зи ҷабри фалак бештар кашанд,*
*Гандум чу пок гашт, хӯрад захми осиё.* *Соиби Табрезӣ*



# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА ИНТИХОБИ ҲАМСАР



*Анвар ШАРИПОВ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Психологияи оила дар масъалаи интихоби ҳамсар ё худ шарики ҳаётӣ назария ва амсилаҳои гуногунро коркард намудааст, аммо дар ҷомеаҳои падаршоҳӣ ва модаршоҳӣ, ки номзадҳо дар интихоби ҳамдигар мустақил нестанд, вобаста ба ин масъала принсип ва муносибатҳои дигар амал мекунанд. Инчунин, расму оин, анъанаҳои авлодӣ, мансубияти диниву мазҳабӣ ва ҳуввияти миллӣ дар бунёди оила ва интихоби ҳамсар нақши калон доранд. Дар чунин ҷомеаҳо ба омилҳои зикршуда афзалияти бештар дода шуда, хусусиятҳои фардӣ-психологии номзадҳо ба инобат гирифта намешавад. Дар натиҷа ин ҳолат дар қатори сабабҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба парокандашавии иттифоқи оилавӣ, нобаробарии гендерӣ, зери шиканҷаву таҷовуз қарор гирифтани яке аз ҳамсарон (бештар занҳо) ва ғайра оварда мерасонад. Ҳадафи пажӯҳиши мо низ аз таҳлил, баррасӣ ва арзёбии масъалаи интихоби ҳамсар аз мавқеъ ва муносибати психологӣ иборат мебошад. Ёдовар мешавем, ки дар масъалаи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти зиёде ба амал омадааст, аммо ҳоло ҳам арзишҳои кӯҳна, ки бештари онҳо ба шароити муосири ҳаёт номувофиқанд, моҳияти худро гум накардаанд.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти психологӣ дар асоси пурсишномаи анкетавӣ дар манотиқи мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои психологии муҳаббат, баробарии гендерӣ, фардият, шиддатнокии ҷаззобияти ҷисмонӣ, муҳиммияти донистани хусусиятҳои психологии шарики ҳаётӣ, афзалиятҳо дар самти мазкур, мустақилият дар интихоби ҳамсар, афзалиятҳо дар интихоби ҳамсар, хусусиятҳои фардӣ-психологии шарики ҳаётӣ, рашк, риояи ахлоқ дар муносибатҳои ҷинсӣ, зиддиятҳои иртиботӣ, қабули муносибатҳои ширини байниҳамӣ дар миёни шаҳрвандони муҷаррад ва оиладори ҷинси зану мард аз синни 18-сола боло гузаронида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо дар қатори омилҳои иҷтимоӣ, ин ба инобат нагирифтани хусусиятҳои фардӣ-психологии шарики ҳаётӣ (ҳамсар) мебошад, ки бо ин сабабҳо дар давоми 1 сол аз 8361 то 12489 оилаҳо (зану шавҳар) аз ҳамдигар ҷудо мешаванд.

**Омори ҷудошавии оилаҳо (зану шавҳар) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:**




**Шахсоне, ки ба таҳқиқот ҷалб шудаанд:**




**Ба таҳқиқот ҷалбшуданд аз рӯи ҷинс:**




Пурсишномаи анкетавӣ нишон дод, ки шахсони ба таҳқиқот ҷалбшуда аз 1 то 4 соати вақти худро ба тамошои васоити ахбори омма, аз 30 дақиқа то 3-4 саот вақтро дар истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд. Дини онҳо дини Ислом мебошад.

90%-и иштирокчиёни таҳқиқот бар он ақидаанд, ки аз некӯаҳволии шарики ҳаётии худ (ҳамсар) дастгирӣ, муносибати хуб, дар лаҳзаҳои душвори ҳаёт аз ҳар ҷиҳате (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ғайра), ки имконият доранд, кӯмак мерасонанд ва 10% ба таври сатҳӣ.

Аз 80 то 95% ҷиҳати дастгирии эҳсосӣ, муоширати хуб, ҳиссиёти дӯстиро бо шарики ҳаётии худ (ҳамсар)-ро қобили қабул шумориданд.

Оид ба муносибатҳои самимӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, боварии байниҳамӣ, ростқавлӣ, тамоси ҷисмонӣ, муносибати ошиқона, содиқ будан ба ҳамдигар, устуворӣ дар муносибат, таҳаммул кардан ба душворӣ, пойдории дӯстдорӣ ва муҳаббати байниҳамӣ 12% баҳои паст (1 то 3), 20% баҳои миёна (4 то 6) ва 68% аз ҳад зиёд дастгирӣ мекунанд, баҳои аъло (7 то 9) додаанд.

Дар қисмати баробарии гендерӣ, фардият, яъне нақши муҳими зан нигоҳубини хона ва хӯрокпазӣ мебошад, 97%-и иштирокчиён комилан розӣ ҳастанд.

Яке аз зерқисматҳои таҳқиқот ин шиддатнокии ҷаззобияти ҷисмонӣ дар рафтор мебошад, яъне гигиенаи бадан, истифодаи маводҳои косметикӣ, ба варзиш машғул шудан, нигоҳубини мӯй, мӯй тарошидан, шустан, ороиш додан, пӯшидани либосҳое, ки инсонро зебо менамояд, парҳез кардан аз ҳар гуна хӯрока барои афзоиши вазни бадан. Ин масъаларо 94%-и иштирокчиён муҳим шумориданд ва барои истифодаи маводҳои косметикӣ, яъне зебоии сунъӣ аз 20 дақиқа то 1:30 дақиқа вақти худро дар давоми як рӯз



сарф мекунанд.

Қисмати дигари пажӯҳишро мавқеъгирии шарики ҳаётӣ ва рейтинг (мавқеи номзад дар ҷомеа) ташкил медиҳад. Шарики идеалии ҳаётии худро аз ҷиҳати ҷисмонӣ то ҷӣ андоза ҷолиб, солим, меҳрубону қавӣ будан ҳамаи иштирокчиён аз 100 нафар шахсоне, бо онҳо дар иртибот аст ё баракс, болотар ва то ҷӣ андоза хуб будани дурнамои молиявӣ ба ҳисоби умумӣ аз 50 то 100 нафар мавқеъ нишон додаанд.

95 %-и иштирокчиёни таҳқиқот бар он афзалият додаанд, ки шарики ҳаётии онҳо дорои маълумоти ҳамаи зинаҳои таҳсил бошанд.

Таҳқиқот инчунин маълум намуд, ки 86%-и иштирокчиён нисбат ба шарики ҳаётии худ рашки бениҳоят зиёд ва 14% рашки миёна доранд.

Ҳамзамон, дар қисмати назари ахлоқии хиёнат (хиёнати ҷинсӣ) ҳамаи иштирокчиён онро тамоман манфӣ ва амали зишт баҳогузорӣ намудаанд.

Ҷиҳати бевафоӣ, хиёнат, дуюмин-

- аз оилаи солиму ботарбия;
- мувофиқати мизоҷу характер;
- бемории модарзодӣ надоштан;
- солим будан;
- мувофиқати мазҳабӣ;
- мувофиқати бӯй;
- таҳаммулпазирӣ;
- дорои ҳунарҳои гуногун ва касб;
- чизнигоҳдоранда ва исрофкор набудан;
- бо шарму ҳаё;
- покдоман;
- дорои маърифату фарҳанги оиладорӣ;
- бомасъулият;
- дар зиндагӣ талаботи шаҳвониро қаноатманд кардан;
- давомнокии мушоҳидаи иҷтимоӣ-психологии арӯсшаванда на камтар аз 1 то 2 сол аз ҷониби домод ва оилаи онҳо;
- мувофиқати хусусиятҳои калидӣ-психологӣ ва монанди инҳо ба инобат гирифта мешаванд.

2. Интихоби сатҳӣ ё интихоби шаҳ-




дараҷа шумоəридани шарики ҳаётиро иштирокчиён аз рӯи баҳогузорӣ "не" интихоб намудаанд.

Қабули муносибатҳои ширинро 91%-и иштирокчиён баҳои аъло (комилан розӣ), 9%-и дигар баҳои миёна додаанд ва ин натиҷаи пурсишнома буд, ки дар шакли мухтасар баҳогузорӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, рафти таҳқиқот, суҳбатҳо бо оилаҳо ва мушоҳидаи психологӣ нишон дод, ки дар интихоби ҳамсар ду ҷиҳати асосӣ аст, ки ба зерқисматҳо ҷудо мешаванд:

1. Интихоби бошуурона ва боақлонаи шарики ҳаётӣ (ҳамсар-зан), ки дар он чунин ҷиҳатҳо аз ҷониби домод ва оилаи онҳо нисбати шахсияти арӯс-келиншаванда ба инобат гирифта мешаванд ва дар чунин ҳолат пойдории оила устувор мемонад:

-шакли зоҳирӣ (зебоӣ);
- тарзи муносибат;
- тарзи муоширати байниҳамӣ;
- ақлу дониш;
- ҳисси зебоипарастӣ;
- кадбонуи хуб будан;

вонӣ, ки дар он танҳо намуди зоҳирии инсон ба инобат гирифта мешавад. Ин намуди интихобро баъзан интихоби бешуурона ва беақлона низ меноманд.

Дар расмҳои зерин тасвири интихоби бошуурона-боақлона ва интихоби шаҳвонӣ ё бешуурона ва беақлонаи шарики ҳаётиро мебинед, ки мо чунин тасвираш намудем:

Инчунин, иттиллоъ медиҳем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби шарики ҳаётӣ (ҳамсар) бештар аз ҷониби мардон ба инобат гирифта мешаванд.

Оила дар меҳвари ҷомеа қарор дошта, солимии ҷомеа аз солимии оила сарчашма мегирад. Солимии оила бошад аз самимӣ будани муҳаббат, дилбастагӣ, меҳрубонӣ, майл доштани зану шавҳар бо якдигар.

Дар муҳаббат ҳамчунин адоват эҳсосоти гуногунтарин: дарду алам, ҳаловат, хушнудӣ, хафагӣ, тарс, ҷасорат, ҳатто ҳам хашму ғазаб ва адолат пайваст шуда метавонад ва ин бояд ба инобат гирифта шавад.

# ФАРЗАНДОНИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ДОНИШМАНДОНИ БУЗУРГ БУДАНД



*Ислом ҒУЛОМОВ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, дорандаи нишони "Ифтихори донишгоҳ"*

**Бахшида ба ёдоварди 65-солагии фавти шоир**

Ду сол қабл ҳангоми омода намудани китоби "Корнамоии андешаҳо - тахайюли хиради инсонӣ" (Душанбе: ҶДММ "Нушбод", 2021) дар асари калонҳаҷми файласуф ва мантиқшиноси намоёни аҳди Шӯравӣ Н.И.Кондаков - "Логический словарь" (М: Наука, 1971, 656 с.) чашмам ба номи Далер Қосимович Лоҳутӣ дучор омад.

Хаёл кардам, ки шояд ин донишманд аз хонадони шоири маҳбуби форсу тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ бошад? Аммо ин андеша ҳамон вақт гумон буду бас, зери китоби дарсии муаллифон Худойназар Асозода ва Аламхон Кучаров - "Адабиёти тоҷик. Синфи 11" (Душанбе: "Маориф, с". 116-136, 2015,)" ва мақолаи С.Давронов - "Лоҳутӣ Абулқосим Аҳмадзода" дар Энсиклопедияи советии тоҷик", ҷ.4. (-Душанбе: ЭСТ, 1983, с.159-167) доир ба фарзандории шоир маълумоте оварда нашудааст. Хушбахтона, чанде пеш дар рӯзномаи "Кулябская правда" (26.01-2022) хондам, ки Далер писари калонии Абулқосим Лоҳутӣ буда, дар синни 88-солагӣ (27 январи соли ҷорӣ) дар Маскав аз дунё даргузаштааст. Азбаски Далер Лоҳутӣ аз рӯи маълумоти ба дастомода қабл аз ҳама математик буд, бинобар ин, ба эҷодиёти ӯ дар ин соҳа аҳамияти вежа дода шудааст.

Далер Лоҳутӣ соли 1958 кафедраи мантиқи факултети философияи Университети давлатии Москваро хатм намудааст. Ҳанӯз дар айёми донишҷӯияш соли 1957 бо муаррихи мантиқи математика ва мантиқшиноси намоёни Шӯравӣ Н.И.Стяжкин асари "Андар нуқтаи назарҳои мухталиф ба мантиқи математикаи муосир"- ро нашр намуд. Минбаъд ба таҳқиқи масъалаҳои мантиқи системаҳои ахборотӣ - ҷустуҷӯӣ ва таҳлили семантики (аз юн. семантикос - ифодакунанда)-и забонҳои табиӣ ва сунъӣ машғул шуд.

Соли 1959 бо олимони семантикшиноси математика И.И.Ревин ва В.Н.Финн мақолаеро бо унвони "Оид ба як нуқтаи назар ба семантика" дар маҷаллаи "Философские науки" (№1) чоп намуд. Сипас, силсилаи мақолаҳои Далер Лоҳутӣ доир ба мантиқ семантика, масъалаҳои автоматикунонии нишондиҳандаҳои рақамӣ (ё ҳарфӣ) ва ғайра дар "Энсиклопедияи философӣ" пайваста рӯи нашр омадаанд. Бояд қайд кард, ки сематика забони хаттии тасвирӣ (шаклӣ) буда, маъноҳои гуногун дорад, вале дар мантиқи математика ба дуруст сохтани формулаҳо ва тартиб додани пайдарпаии онҳо, ки бевосита хулосаҳо, аз он ҷумла исботро ба амал меоранд, сару кор дорад.

Истилоҳи семантика солҳои 30-уми асри XX дар илм аз тарафи мантиқшиноси математикаи лаҳистонӣ Тарский ворид карда шудааст. Гарчанде ин забон - забони мусаввирӣ бошад ҳам, аммо мазмун дорад. Онро шахсе дарк карда метавонад, ки ба аломатҳои мантиқ шинос бошад. Минбаъд дар асоси забони тасвирӣ (форалӣ ҳам мегӯянд) мошинҳои абстрактии ҳисоббарории математик ва мантиқшиноси инглис Алан Тюринг ва америкоӣ Пост сохта шудаанд.

Теоремаҳои тасвирии мантиқи математика теоремаҳои семантикӣ ва теоремаҳои синтаксисию семантикӣ дар якҷоягӣ метатеоремаҳо ном гирифтаанд, ки онҳоро донишҷӯён дар курси "Мантиқи математика" меомӯзанд.

Бо ҳамин назардошт математик ва мантиқшиноси барҷастаи америкоӣ Алонзо Чёрч семантикаро омӯзиши



интерпритатсия (аз лот. шарҳ, тафсир)-и забон ҳамчунин интерпритатсия таъриф додааст (А.Чёрч. Введение в математическую логику. Т.1.-М: ИЛ, 1960, с.60).

Аз мавзуи асоси баромадани мо ба он мақсад буд, ки саҳми Далер Лоҳутӣ дар ин соҳа махсус қайд карда шавад. Ӯ солҳои минбаъда дар соҳаи пешрафти кибернетика, зеҳни сунъӣ, забоншиносӣ, автоматикунонии иттилоот ва ғайра ба кашфиётҳои беназир баҳрамand гашт. Номаш дар илм маъруф гардид.

Аз ин гузориши мухтасар мавқеъ ва саҳми доктори илмҳои техникӣ, профессор Далер Лоҳутӣ бешубҳа дар математика, мантиқ, семантика ва фалсафа баръало намудор шуда меистад.

Писари дигари Абулқосим Лоҳутӣ тарҷумони бомаҳорат ва забоншинос Гев Лоҳутӣ низ умри дароз дида, 27 ноябри соли 2020 дар синни 83-солагӣ дар Маскав аз олам гузаштааст.

Духтари Лоҳутӣ - Лайло Лоҳутӣ ҳоло дар Маскав истиқомат дорад. Ӯ ба модараш Ситсилиябону пайравӣ карда, тарҷумони шинохта ва доктори намоёни филология дар Русия эътироф карда шудааст.

Чунин аст ба таври мухтасар роҷеъ ба фаъолияти илмӣ - адабии фарзандони шоир, публисист, сиёсатмадор Абулқосим Лоҳутӣ, ки онҳо номбардори падари азизашон шуда, чун донишмандони шуҳратёфта ба аҳли илм маълум гаштанд.



# МАҚОМ ВА МАРТАБАИ ЗАНОН ДАР ҶОМЕА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои табрикиашон ба муносибати Рӯзи Модар иброз доштанд, ки "Заҳматҳои беназири Зан-Модар дар ҳаққи фарзанд, инчунин, ба хотири ободиву оромии мамлакат моро водор месозанд, ки қадру қимат ва ҳурмату эҳтирому ӯро ҳамеша ба ҷо орем ва барои ӯ шароити мусоид омода кунем, то дар баробари фаъолияти созандааш фарзандони солиму соҳибмаърифат тарбия намояд".

Ҳукумати Тоҷикистон давоми солҳои охир як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расонид, ки ҳамаи онҳо, пеш аз ҳама, барои таъмини зиндагии осуда ва баланд бардоштани мақому манзалати зан-модар дар ҷомеа нигаронида шудаанд.

Воқеан ҳам, ба касе пӯшида нест, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолии мамлакат бо ҳидоятҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа тадбирҳои судманд андешида шудаанд. Дар ин давра барои ҷалби бештари онҳо ба ҳаёти сиёсӣ, ва иқтисодӣ заминаи муосид фароҳам омад. Аз ҷумла, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 20 санади муҳими давлатӣ оид ба масъалаҳои занон қабул карда шуд. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999 "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 дар бораи Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010", "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" аз соли 2010 ва ғайраҳо.

Бори дигар таъкид менамоям, ки маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ дар ҳаёти занони тоҷик тақони ҷиддӣ ба амал омада, онҳоро баҳри расидан ба мақсадҳои наҷиб рӯҳбаланд намуд.

Дастоварди бузургтарини бонувон да замони соҳибистиқлолӣ-ин таъсис ёфтани Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, ки вакилатдори соҳаи кор бо занон дар мамлакат мебошад.

Дар ин радиф гумон мекунам, ки фаъолияти Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе низ назаррас аст. Аз ҷониби кормандони Раёсати мазкур барои баргузории чорабиниҳои дорои хусусияти гуногун бо ҷалби бонувон ва занони хонанишин ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани ҷавондухтарон корҳои зиёде анҷом ёфтаанд.



*Гулчеҳра АБДУРАҲМОНОВА, саромӯзгори кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих*

Бояд таъкид намоям, ки Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар пайравӣ ба Пешвои миллат ҳамеша баҳри баланд бардоштани манзалати занону духтарон кушиш менамоянд. Чанд рӯз пеш, барои дастгирии молии кормандони раёсатҳои истифодаи роҳҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе, ки аксаран бонувонанд, аз ҳисоби маблағҳои барои шаҳри пойтахт пешбинигадида 4 миллиону 719 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Ин далели ба қадри меҳнати ин бонувон расидан аст, ки дар поккории пойтахт саҳми назаррас доранд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат зикр кард, ки дар давраи душвори муқовимат, занони тоҷик бе тарсу дудилагӣ байни ҷонибҳои мухолифин истода, бо маслиҳати оқилонаи худ, насиҳатҳои пандомез аксар вақт ба паст кардани шиддатнокии эҳсосот кӯмак мекарданд. Чунин ҳолатҳо бисёр буданд. Сипас ҳангоми огози гуфтушуниди қувваҳои ҳукуматӣ бо мухолифин, ки ҳазорҳо километр дур аз ватан баргузор мегашанд, занони тоҷик бо мурочиатҳо, барқия ва паёмҳои худ иштирокдорони музокиротро дастгирӣ намуда, онҳоро барои барпо намудани сулҳ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамуданд.

Занон ва модарони кишвар дар солҳои ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 бадтарин рӯзҳоро аз сар гузарониданд. Дар ин давра, 25 ҳазор занон шавҳарони худро аз даст додаан, 55 000 кӯдакон ятим мондаанд, беш аз 100 000 нафар ҷони худро аз даст доданд, зарари модди кишвар қариб 10 млрд. доллари амрикоиро ташкил кард. Ҳамаи ин ҳолат ба рӯҳу равони аҳолӣ, махсусан занон зарари ҷиддӣ расонид.

Дар тӯли 30 сол кишвари мо тахти сарварии Пешвои муаззами миллат дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт ва тавонист бо барқарор намудани муносибатҳои судманд бо кишварҳои дунё мавқеи сиёсии худро дар арсаи ҷаҳон мустаҳкам гардонад.

Истиқлолият барои зани тоҷик шароити хубе фароҳам овар, то илму дониш омӯзаду сазовори зиндагии арзанда гардад.

*Ҳар ки пархезу илму зуҳд фурӯхт,*
*Хирмане гирд карду пок бисӯхт. Саъдӣ*

Анвори дониш
№3 (327), ҶУМЪА, 11.03.2022

# ТАБРИКОТИ
# РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ, ПРОФЕССОР МИРАЛИЗОДА АБДУСАЛОМ МУСТАФО БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МОДАР



Шири модар к-аз таровишҳои хуни ҷигар аст,
З-ин сабаб ҳам модаронро сӯзиши дил дигар аст.

Модарону бонувони арҷманд!
Хоҳарону фарзандони азиз!

Яке аз ҷашнҳои зебову пурнишот, муборактарин идҳои инсоният, ҷашни шодии дилҳову меҳру вафои модарон - Рӯзи модар ба шумор меравад, ки ҳамасола бо фарорасии фасли баҳору шукуфтанҳо ва дар арафаи ҷашни бузургу қадимтарини миллиамон - Наврӯзи оламафрӯз таҷлил мешавад. Мехоҳам ҳамаи шумо - бонувону фарзандони азиз ва дар симои шумо кулли занону модарони хуштолеи кишварро самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, бахту иқболи баланд, хонаободӣ ва саодати рӯзгор таманно намоям.

Аслу ҷавҳари Рӯзи модарро муҳаббату самимият, покиву садоқат ва эҳтироми беандоза нисбат ба зан-модар ташкил медиҳад. Зан чи дар мақоми баланди модар ё ҳамсар, чи ба сифати хоҳар ё фарзанд тимсоли малоҳати ҳусн, гармии қалб, латофати эҳсос ва наҷобати рафтор мебошад.

Ҷашни фархундаи модарону бонувон муждаи расидани баҳори хуҷастапай ва ҷашни Наврӯзи Аҷам буда, дар ин айём табиат аз нав эҳё ва хуррaму дилкаш мегардад; занону бонувон либосҳои миллии чакан, атласу адрас ба бар карда, фазои кӯчаву хиёбон, боғу гулгаштҳо, идораву корхонаҳо идона мегардад. Рангорангии табиат ва тобишҳои рангҳои либосҳои миллӣ ба ҳусни модарону бонувони мо зебоиву назокати бештар зам мекунад. Яъне, фасли баҳор, ки ба табиати модарону хоҳарони мо созгор аст, сиришти зебоипарастии онҳоро таровати баҳорона мебахшад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мақому манзалати занону бонувон чунин иброз намудаанд: "Иффату маърифат ва сабру таҳаммул ҳамчун сифатҳои беҳтарини миллӣ мақому манзалати занону бонувони моро дар ҷомеа баланд бардошта, онҳоро азизи ҳар як оила ва қуввати дили аҳли хонавода гардонидаанд".

Аллома Иқбол мегӯяд: "Зан чароғи пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббату дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст".

Бузургии зан-модар аз ҷумла дар он таҷассум меёбад, ки ӯ посдори рукнҳои асосии мавҷудияти халқу миллат - забон ва таъриху фарҳанги миллӣ мебошад. Ин масъулияти бузург водораш месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ва камолоти ҷисмонии фарзандон, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбият намояд. Зеро нақши модар, махсусан, дар раванди таълиму тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг ва умуман, камолоти маънавии фарзанд бисёр бузург аст. Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, пас ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан - модар вобаста аст.

Модари тоҷик дар тули тамоми таърих тарбиятгари фарзандони нобиғаву хирадманд, солеҳу поктинат, бофазлу соҳибмаърифат, ватандӯсту ватанпарвар ва ҳунарманду созанда буда, ин рисолати муқаддаси худро имрӯз низ бо иффату шараф идома медиҳад. Чунончи Пешвои муаззами миллат ҳамчун ҳомии таъриху фарҳанги куҳанбунёди миллат менигоранд: "Симои зани зебопарасту озоданажод, диловару мубориз, бонангу номус, далеру шуҷоъ, ватандӯсту ватанпараст, озодихоҳу адолатпарвар ва кадбонуву ҳунарманди тоҷик ҳанӯз се ҳазор сол қабл дар матнҳои суғдиву паҳлавӣ ба таври барҷаста тасвир ёфтааст".

Зани тоҷик имрӯз, баробари иҷрои рисолати аслии хеш, яъне тарбияи насли ояндасоз, инчунин, сиёсатмадору олим, омӯзгору табиб, ҳунарманду варзишгар, соҳибкори муваффақу коршинос буда, дар рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, яъне барои ободии кишвари азизамон саҳми босазову арзишманд дорад.

Ҳамин аст, ки Пешвои муаззами миллат дар ҳамаи суханрониҳои худ ба нерӯи занону модарон ва ҷавондухтарон такя карда, онҳоро борҳо "нигини пурҷилои тоҷи миллат" гуфтаанд.

Дар Паёми имсолаашон низ Пешвои муаззами миллат аз бузургиву мақоми волои зан-модар ёдовар шуданд: "Зан - модар мавҷуди муқаддас мебошад ва ҳамаи сиёсатмадорону донишмандон ва бузургони олам, аз ҷумла Пайғамбари ислом аз домани поки модар ба дунё омадаанд ва бо шири ҷонбахши ӯ бузург шудаанд. Воқеан, мақоми зан - модар дар ислом бисёр баланд мебошад ва беҳуда нест, ки дар Қуръони карим сураи чаҳорум бо номи "Нисо" (занон) нозил шудааст. Бинобар ин, ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад".

Ҳамин тавр, бузургон зан-модарро фариштаи хушбахтӣ, маркази меҳр, чароғи пурнури хонадон, азизи ҳар як оила, қуввати дили аҳли хонавода, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббату дӯстӣ, чашмаи бахшиш, намояндаи ишқ, афзояндаи нури чашм, сарвати зиндагӣ, роҳати дунё, беҳтарин доруи дарди ғамҳо, мураббию тозанигоҳдорандаи ахлоқи мард, бӯйи гули хуши бӯстон, нигини пурҷилои тоҷи миллат, беҳтарин ва охирин тӯҳфаи осмонӣ донистаанд.

Аз ин рӯ, мо - мардонро мебояд ҳамеша ба қадри ранҷҳои кашидаи модарон, заҳмату хизматҳои занону духтарони худ ва умеду интизориҳои онҳо бирасем. Набояд фаромӯш кунем, ки аз пайғамбарон сар карда, тамоми нобиғаву аллома ва чеҳраҳои мондагори башар аз домони поки модар ба дунё омадаанд; дар оғӯши гарми ӯ бузург шудаву аз файзи шири сафеду меҳри нотамомаш ба камолоти инсониву шуҳрати ҷаҳонӣ ва эътирофи абадӣ расидаанд.

Дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани Рӯзи модар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон ва гувоҳи равшанӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба мақому манзалати хосса соҳиб гаштани онҳо мебошад.

Боиси хушнудист, ки дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон бонувон мақоми баландро соҳиб буда, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти кишвар нақши созандае доранд. Аз солҳои аввали соҳибистилолӣ масъалаи беҳгардонии шароити занон ҳамеша дар маркази диққати Пешвои муаззами миллат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошт. Ҳукумати ҷумҳурӣ бо назардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангиву анъанавӣ шакли муайяни сиёсати беҳгардонии шароити занонро таъмин намуд. Аз ҷумла, бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат чандин тадбирдои мушаххасу саривақтӣ, монанди қабули барномаи давлатӣ оид ба ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занон, қабули духтарон ба муассисаҳои олии касбӣ тибқи Квотаи Президентӣ ва ғайра сурат гирифт, ки дар баланд бардоштани манзалату ҷойгоҳи зан-модар нақши назаррас доранд.

Чунончи аз Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат бармеояд, занон 49,3 фоизи аҳолии кишварро ташкил дода, имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд. Ҳоло наздики 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд.

Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш ба мақомоти дахлдор супориш доданд, ки дар муҳлати се моҳ "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023-2030"-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин қайд гардид, ки дар замони истиқлолият 11 500 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро бо Квотаи Президентӣ хатм кардаанд.

Дар ин давра 222 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намуда, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар ин муассисаҳо таҳсил карда истодаанд. Аз 42 ҳазор нафар донишҷӯёни тоҷикистонӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил доранд, зиёда аз 8 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд.

Шоёни таъкид аст, ки беш аз нисфи коллективи кормандон ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро занон ташкил медиҳанд, ки дар зинаҳои гуногуни роҳбарӣ кору фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ 20 нафар бонувон дар корҳои роҳбарии сохторҳои донишгоҳ ҷалб гардида, ҳамакнун 35 нафар соҳиби унвонҳои илмӣ (1 нафар доктори илм, 19 нафар номзади илм - дотсентон, 16 нафар номзадони илм) мебошанд. Айни замон, дар донишгоҳ 56 нафар унвонҷӯ, 26 нафар докторанти Ph.D аз рӯйи ихтисос, 85 нафар магистрантон аз ҳисоби занону бонувон фаъолияти илмӣ доранд.

Бо ташаббусу иқдомҳои бонувони донишгоҳ фаъолияти Шӯрои духтарони донишгоҳ низ хуб ба роҳ монда шуда, донишҷӯдухтарон бо иштироки фаъолона, хониши хубу аъло ва интизоми намунавӣ дар татбиқи сиёсати давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузоранд. Дар донишгоҳ дар таълими рӯзона 3099 нафар донишҷӯдухтарон ба таҳсил фаро гирифта шуда, 259 нафари он тибқи Квотаи Президентӣ мебошанд. Инчунин, 340 нафар донишҷӯдухтарон дар хобгоҳ истиқомат менамоянд.

Сарвари давлат, Пешвои маҳбуби миллат оид ба нақши занону бонувон дар рушди мамлакат таъкид намудаанд: "Мо ҳамеша ба нерӯи созандаи занону бонувони ватандӯсту ободгари кишвар такя мекунем ва нақши онҳоро дар устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони баодобу соҳибмаърифат, инчунин, заҳмату талошҳои пайгиронаи онҳоро дар рушди мамлакат басо арзишманд мешуморем".

Дар партави ҳамин гуфтаҳо, ибрози боварӣ менамоем, ки шумо занону бонувону хуштолеи донишгоҳ тамоми дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ ироа намуданд, сармашқи фаъолияти пуршарафи хеш қарор дода, шогирдони соҳибмаърифату донишманд, хушахлоқу хештаншинос, навовару ихтироъкор, ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, парчамбардори миллат ва ояндаи боэътимоди давлатро бар камол мерасонед ва дар шукуфоии Тоҷикистони азизамон пайваста ҳиссаи арзишманд мегузоред.

Бо ҳамин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи Шумо модарону бонувон ва хоҳарони арҷмандро ба ифтихори Рӯзи Модар самимона шодбош гуфта, шумо ва дар симои Шумо ба хонадони ҳамаи модарону бонувони ҷумҳурӣ файзу баракат, ваҳдату оромӣ ва комёбӣ таманно дорам.

Рӯзи Модар ва истиқболи баҳор муборак, модарону хоҳарони гиромӣ, фарзандони азиз!

*Бедил, ки тахтгоҳи фасоҳат мақоми ӯст,*
*Маъно канизи ӯ шуду мазмун ғуломи ӯст. Бедил*



# ОЛИМИ ТАВОНО ВА ОМӮЗГОРИ АСИЛ

**Бахшида ба 80-солагии устод Гурез Иброҳимов**



*Ҳотам НАЗАРОВ,*
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*муовини ректор оид ба тарбия*



***Бештар аз гардун мақоми Одам аст,***
***Асли таҳзиб эҳтироми Одам аст.***
***Муҳаммад Иқбол***

Ҳазорҳо сол қабл олимон дар бораи тарбияи инсон ҳарф мезананд, менависанду асарҳо меофаранд, вале аз чӣ бошад, ки худи инсон бузургӣ, шаҳомат, сарфарозӣ ва тараддуду ташвишҳои онҳоро фаромӯш месозад, ҳол он ки бузургон инсонро васф намуда, ҳамчун нишоти эҳтиром тамоми осори худро барои таълиму тарбияи ӯ ба қалам додаанд. Дар ҳақиқат, бузургӣ ва мақоми инсон нисбат ба дигар махлуқот дар осори гаронарзиши мутафаккирони тоҷику форс батакрор таъкид ёфтааст. Мутафаккири тоҷику форс Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар осори ахлоқии худ низ мақому манзалати инсонро васф намуда, овардааст:

***Ҳама олам фидои мо бошад,***
***Ҳар чӣ бошад, барои мо бошад.***
***Ё ин ки***
***Нисори туст ганҷи кунту канзан,***
***Муроди ӯ туӣ аз офариниш.***

Дар ҳақиқат, Худованд мақому мартабаи инсонро бемисл офарида, аз дигар махлуқот бо ақлу заковаташ, дилу нияти покаш, виҷдону инсофаш ва заҳмату меҳнаташ ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, мебояд худи инсон ба қадру манзалати худ бирасаду мақому мартабаро дар ҷоҳу ҷалол, чизу мол, шукӯҳу шаҳомат ва дигар амалҳои зоҳирии манфур ба шахсияташ надонад. Ҳамеша дар дастгирии инсонҳои дигар бошад, кӯмак расонад, омӯзонад, фикрҳои дигаронро гӯш намуда, ҷиҳатҳои мусбии онро пайваста тараннум намояд, чунки яке аз хислатҳои инсони комил ҳамин аст.

Устоди азизу гиромии мо, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Иброҳимов Гурез аз ҷумлаи инсонҳоест, ки ҳамеша дар тарбияю ташаккули шогирдон нақш дошта, умри бобаракати худро дар ба воя расонидани наслҳои наврасу ҷавони миллати тоҷик, махсусан донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сарф намудааст.

Устод Иброҳимов Гурез 03.05.1942 дар яке аз деҳаи хушманзараи Ғеш, ноҳияи Мӯъминобод дар хонадони деҳқон ба дунё омада, маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар зодгоҳаш гирифтааст. Ҳамзамон, баъди хатми мактаби миёна хуҷҷатҳои худро соли 1962 ба Институти педагогии шаҳри Кӯлоб супорида, онро соли 1969 бомуваффақият хатм менамояд.

Баъди анҷоми курси якум устод Иброҳимов Гурезро аз курси дуюм ба сафи артиши Иттифоқи Шӯравӣ тирамоҳи соли 1963 сафарбар намуданд. Ӯ хизматро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ то соли 1966 давом дода, боз ба донишкадаи азизаш бармегардад ва хонданро давом медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки барои хизматҳои хуб ва рафтори намунавиаш роҳбарони қисми ҳарбӣ ду маротиба ба унвони падару модараш мактуби миннатдорӣ фиристода, барои тарбияи хуби фарзандашон изҳори сипос намуданд.

Ӯ аз соли 1969 то инҷониб дар Институти педагогии шаҳри Кӯлоб, ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар вазифаҳои гуногун кор ва фаъолият намуда истодааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии устод чунин аст: (солҳои 1962-1969) донишҷӯ, (солҳои 1963-1966) хизмати ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи шӯравӣ, (солҳои 1969-1972) омӯзгори кафедраи педагогика ва психология, (солҳои 1972-1975) ҷонишини директори мактаби миёнаи №3-и ноҳияи Қумсангир, (солҳои 1975-1993) муаллими калони кафедраи педагогика ва психология, (солҳои 1993-1998) сардори шуъбаи таълим, (солҳои 1998-2005) сардори шуъбаи тарбия, (солҳои 2005-2009) ноиби ректор оид ба корҳои тарбияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, (солҳои 2010-2011) декани факултети филологияи тоҷик ва рӯзноманигорӣ. Аз соли 20011 и.в. профессори кафедраи педагогика мебошад.

Хизматҳои софдилонаи устод Иброҳимовро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибор гирифта, ӯро бо мукофотҳои зерин: "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1993), "Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 1995), "Корманди шоистаи Тоҷикистон" (соли 1999), "Медали 20-соли Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ" (соли 1965), "Медали 2700-солагии Кӯлоб (соли 2006), "Ифтихорномаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон" (соли 2018) ва ғайраҳо сарфароз гардонид. Устод Иброҳимов Гурез аз соли 2007 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

Устод дар давоми фаъолияташ ба чунин дастовардҳои илмӣ мушарраф гардидааст: "Монография" (соли 2005), китоби "Асосҳои педагогии корҳои таълимию тарбиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони ҷавон"- Душанбе, 2017, "Инъикоси фикрҳои иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар осори мутафаккирони тоҷик"- Кӯлоб, 2018, "Дарси маърифат"-Душанбе, 2019 ва ҳамзамон, 10 дастури илмӣ, таълимӣ, методӣ ва зиёда аз 90 адад мақолаҳо навиштаанд, ки дар матбуот рӯи чоп омадаанд.

Мавриди зикр аст, ки кафедраи педагогика дар солҳои хониши 1953-1954 ҳамчун кафедраи мустақил фаъолият намуда, аз ибтидои таъсисёбии Донишкадаи омӯзгорӣ ба кафедраи педагогика ва психология М. Т.Ярошевский сарварӣ менамуд. Ҳамчунин, ба ҳайси мудирони кафедраи мазкур Г.И.Ғаниев, А.Х.Гаджиев, Иноятулло Арабов, Сайдаҳмад Исоев, А.Паҳлавонов, Мирзоалӣ Табаров, А.Амиршоев, Расулов Д., Ғафурова Д., Давлатова Н. фаъолият намуда, айни ҳол мудирии кафедраи педагогикаро номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз ба уҳда дорад.

Ба нуктае ишора бояд кард, ки устод Иброҳимов Гурез дар чунин ҳайати солиму муваффақ кору фаъолият намуда, пайваста кӯшиш намудааст, ки кафедраи педагогика бо доштани кадрҳои баланди унвони илмидошта таъмин бошад.

Ҳамин аст, ки устод дар тӯли фаъолияти кориашон ба кори илмии шогирдон аз ҷумла, Шарипова Одинамо, Назаров Ҳотам, Сангимадов Фаррух, Фарзонаи Сайфиддин, Абдуллоҷони А. ва Холматова М. роҳбарӣ намуда, дар интихоби мавзуъҳои илмии онҳо саҳми бориз дорад ва айни ҳол иддае аз шогирдонаш рисолаҳои илмии худро дифоъ намуда, дар вазифаҳои гуногуни донишгоҳ кору фаъолият доранд. Васфи устод ва фаъолияти шогирд дар осори мутафаккири тоҷику форс Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ замзама гардида, чунин мегӯяд:

***То нагирӣ домани роҳбар ба даст,***
***Кай тавонӣ зи гумроҳӣ боз раст?***
***Гар надорӣ муршиде ҷӯёш бош!***
***Чун бидидӣ хоки гарди пош бош!***

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, аз ибтидо то имрӯз устодони кордону ҳалим дар ин кафедра фаъолият менамоянд, ки ба номи кафедра ранг ва ҳусни дигар мебахшанд.

Аз номи ҳайати профессорону олимони кафедра дар шахсияти ректори донишгоҳ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо устоди кафедраи педагогика, муҳтарам Иброҳимов Гурезро бахшида ба 80-солагиашон шодбош намуда, хоҳони он ҳастем, ки умрашон дароз ва зеҳну қаламашон дар ташаккулу тайёр намудани кадрҳои ҷавони донишгоҳ ҳамеша тезу фасеҳ ва қотеъ бошад. Чи тавре ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар қитъаи шеъраш мефармояд:

***Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,***
***То ба он базми касон афрӯзӣ.***
***Абр шав, то ки чу борон резӣ,***
***Бар гулу хас ҳама яксон резӣ.***

**Дар ҳақиқат, Худованд мақому мартабаи инсонро бемисл офарида, аз дигар махлуқот бо ақлу заковаташ, дилу нияти покаш, виҷдону инсофаш ва заҳмату меҳнаташ ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, мебояд худи инсон ба қадру манзалати худ бирасаду мақому мартабаро дар ҷоҳу ҷалол, чизу мол, шукӯҳу шаҳомат ва дигар амалҳои зоҳирии манфур ба шахсияташ надонад. Ҳамеша дар дастгирии инсонҳои дигар бошад, кӯмак расонад, омӯзонад, фикрҳои дигаронро гӯш намуда, ҷиҳатҳои мусбии онро пайваста тараннум намояд, чунки яке аз хислатҳои инсони комил ҳамин аст.**

# ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС

Омӯзиш ва истифода бурдан аз дурдонаҳои фарҳанги пурғановати форсу тоҷик дар тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозад. Мақсади тарбия дар ҳар як давру замон баланд бардоштани сатҳи маънавиёти халқу миллат ва ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани насли наврас ба ҳисоб меравад. Барои рушду камоли ҷавонон хоса мактабиён, суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ ҳамчун воситаҳои тавоно хизмати босазое карда метавонанд. Бинобар ин, дар алоқамандии зич истифода бурдан аз ақидаҳои илмии мутафаккирони гузашта ва урфу одат ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи ахлоқӣ, худогоҳии миллӣ ва меҳнатпарастии насли наврас ва ҷавонон хеле манфиатбахш мебошад.

Мутафаккирони форсу тоҷик аз асри X сар карда, то ибтидои асри XX дар асарҳои худ қимати илму дониш ва таълиму тарбияро дар инкишофи шахси комили ҷамъият ва ҳаёти инсон бузург дониста, дуруст изҳори ақида мекарданд, ки бадахлоқӣ, фиребгарӣ, қаллобӣ, сангдилии идае аз аъзоёни ҷамъият аз бетартибиҳои онҳо сар мезанад. Барои ҳамин, онҳо ҳама вақт кӯшиш мекарданд, ки нақши тарбияро дар ҷамъият баланд бардоранд. Восифӣ, Саййдо, Ҳилолӣ, Биноӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш, Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Унсурмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар намояндагони адабиёти тоҷик мавқеи тарбия ва маълумотро хеле баланд бардоштаанд. Ин мутафаккирон дар асарҳои адабӣ-педагогии худ "Бадоеъ-ул-вақоеъ", "Сифат-ул-ошиқин", "Бухрузу Баҳром", "Баҳориёт", "Футуватномаи Султонӣ", "Ахлоқи муҳсинӣ" рисолаи "Ҳотамия", рисолаи "Қуддусия", "Қобуснома", "Кимиёи саодат" ва ғазалиёти худ як қатор масъалаҳои муҳими педагогиро ба миён гузошта, оид ба ҳалли онҳо фикрҳои пурарзиши педагогиро баён намудаанд. Асоси ақидаҳои педагогии онҳоро, пеш аз ҳама, масъалаи омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсони комил, нақши оила дар тарбияи насли наврас, идеяи дар маълумотномагири бобарҳуқуқ бурдани фарзандони ҳама табақаҳои ҷамъият тарбияи инсондӯстию инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстӣ, қимати илму дониш дар ҳаёт ва зиндагии инсон, мавқеи омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас ташкил мекунанд.

Дар маркази таълимоти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии Абӯносири Форобӣ масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият, роҳҳо ва воситаҳои ноил шудан ба хушбахтӣ, накукорӣ қарор дорад, ки ин аз асосҳои баланди ҷаҳонбинии инсондӯстии ӯ дарк медиҳад. Маҳз ҳамин ғояҳо мазмуни ақидаҳои Форобиро оид ба тарбия, ташкил додани шахсият ва мавқеи ӯ дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Барои ҳамин, ӯро яке аз асосгузорони педагогикаи пешқадами асримиёнаи Шарқ ҳисоб мекунанд.

Ӯ дар бораи тарбияи ахлоқӣ як қатор пандномa ва мақолаҳои пурқимат навиштааст, ки одамро ба ростгӯӣ, инсондӯстӣ, накӯкорӣ, адолатпарварӣ даъват мекунанд.

Ақидаҳои педагогии ин олими маъруф на танҳо ба инкишофи минбаъдаи педагогикаи пешқадами Шарқ, балки ба педагогикаи Ғарб низ таъсири бузург расонидааст. Азбаски дар замони Форобӣ педагогика ҳамчун илм ташаккул наёфта буд, ӯ доир ба масъалаҳои таълиму тарбия китоби махсус таълиф накардааст. Форобӣ дар таълиму тарбияи хонандагон мавқеи ҳалкунанда доштани омӯзгоро шарти муҳим мешуморид. Масалан, ӯ таъкид намудааст, ки агар омӯзгор аз хонандагон самимият, ростқавлӣ, эҳтироми якдигар ва ҳақиқатро талаб кунад, пеш аз ҳама, худи ӯ бояд дорои чунин сифатҳо бошад. Аз ин ҷост, ки ғояҳоро дар ҳар як асари офаридаи ин мутафаккир дарёфт намудан мумкин аст.

***Тағаймурод НАЗАРОВ, саромӯзгори кафедраи педагогика***

# РӮЗИ МОДАР МУБОРАК БОД!

*Абдусатор СУФИЕВ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

Рӯзи байналхалқии бонувон, ки ҳамасола таърихи 8-уми март ҷашн гирифта мешавад, дар худ басо силсилаи бузурги таърихиро нигоҳ медорад. Иди мазкур дар тамоми мамолики рӯи дунё чун рамзи миллӣ, дифоъ аз ҳуқуқ ӯҳдадориҳои занон пазируфта шуда, онро бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегиранд. Ба андешаи бархе аз коршиносон Иди байналхалқии бонувон аз дастовардҳои мубориза ва ҳаракати занон барои дифоъ аз ҳуқуқҳои хеш мебошад. Чи тавре, ки мо Иди Ғалаба, Иди байналхалқии меҳнаткашон ва дигар идҳоро пешвозу ҷашн мегирем, бояд Иди бонувон низ дар ҳамин радиф қарор бигирад. Новобаста аз иди баҳору зебоӣ, иди байналхалқии занон ҷашни таърихӣ ва сиёсист. Аз ин рӯ, 8-уми март танҳо рӯзи гулу туҳфаҳову ҷашнвораҳо набуда, эътирофи зан ҳамчун инсон, эътирофи ҳуқуқҳои зан дар баробари ҳуқуқҳои мард ва фароҳамоварии имкониятҳои баробар ба ӯст.

Агар мо ин рӯзи муборакро аз ҷиҳати таърихиаш назар афканем, ин дар аввал, на иди бонувону модарон, балки рӯзи мубориза бар зидди беҳуқуқии занон буд.

8-уми марти соли 1857 дар Ню-Йорк коргарзанони фабрикаҳои пойафзол ва дӯзандагӣ гирдиҳамоӣ карданд. Онҳо даъвои кӯтоҳ кардани рӯзи корӣ, беҳтар кардани шароити меҳнат ва маоши ба мардон баробарро талаб карданд. Он солҳо занон дар як шабонарӯз то 16 соат меҳнат мекарданд, вале музди ночиз мегирифтанд. Таърихи ҷашнгирии Иди занон бо номи Клара Сеткин маъруфу машҳур аст. Соли 1914 дар тамоми ҷаҳон рӯзи байналхалқии занонро дар ҳама ҷой 8-уми март ҷашн гирифтанд, чунки рӯзи ғайрикорӣ якшанбе буд. Аз соли 1975 Созмони Милали Муттаҳид, аз сабаби соли байналхалқии занон буданаш 8-уми мартро чун Рӯзи байналхалқии занон эълон намуд.

Дар Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои собиқ ИҶШС анъана шудааст, ки дар ин рӯз занон аз мардон таваҷҷуҳ, гул ва туҳфаҳо интизоранд. Дар оилаҳои шаҳрвандон ба модарону занон туҳфаҳо супорида мешаванд. Дар низоми сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ беҳтарин анъана ва суннатҳои фарҳанги қадимаи миллии мо мавриди татбиқ қарор гирифта, мақоми бонувон бар асоси ситоишномаҳои донишварону соҳибназарон дар ҷойгоҳи хосае қарор гирифтааст. Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, дар навбати худ ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифатнокӣ ва тандурустии Зан-Модар вобаста аст.

*Зан агар оташ намешуд,*
*хом мемондем мо,*
*Норасида бодае дар*
*ҷом мемондем мо.*
*Зан агар моро намебахшид*
*умри бардавом,*
*Бе тахаллус, бе насаб,*
*бе ном мемондем мо.*

Модарон арзандаи ҳамагуна эҳтирому дӯстдоранд, зеро меҳрубонтарин инсонҳои рӯи олам ин модарони меҳрубони мо ҳастанд, ки фарзандро дар ҳама ҳолат дастгиранду дилсӯзу бахшанда ҳастанд. Навозишҳои модар ва силаи дастони модар, барои фарзанд беҳтарин истироҳатҳои рӯи дунёст, новобаста ба синну сол. Модар калимае мебошад, ки ҳамагӣ аз панҷ ҳарф таркиб ёфтааст. Вале дар мазмуну мундариҷаи он як ҷаҳон маънӣ, шукӯҳу шаҳомат нуҳуфта аст. Ин мафҳум барои ҳар як инсон ончунон азизу муқаддас аст,



ки барои ҳифзи ҷону нангу номусаш фарзандони арзанда ҷони худро дареғ намедоранд. Бузургии Зан-Модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Ба тамоми бонувони тоҷик ҳамеша саодатмандиву сарбаландӣ ва тансиҳативу комёбӣ таманно дорам. Ва барои ҳамаи модарони рӯи дунё порчае аз шеъри эҷодкардаи худамро пешниҳод менамоям.

*Мӯйҳоят резабарони ман аст,*
*Чашму рӯят ҷону имони ман аст.*
*Акси рӯят ҷилди Қуръони ман аст,*
*Ашки чашматро марезон модарам!*

*Ман, ки фарзанди ҷигарбанди туам,*
*Ман, ки фарзанди бафарҳанги туам.*
*Баста бар ҷону ба пайванди туам,*
*Ашки чашматро марезон модарам!*

*Рӯзу шаб бо номи ту мезистам,*
*Рӯзу шаб бо аллаат бигристам.*
*Ин гами дунё туро бечора кард.*
*Ашки чашматро марезон модарам!*

# МОДАР

***Ҳар ки хоҳад бахт ёбад, рӯйи модар бингарад,***
***Ҳар ки рӯзи нек хоҳад, рӯйи модар бингарад.***
***То тавонад чеҳраи ӯро ба қалбаш ҷо диҳад,***
***Ҳар куҷое меравад бар кӯйи модар бингарад.***
***Модар аз айёми тифлӣ бо ту ёру ҳамдам аст,***
***Дар парешонии авзоят ду чашмаш пурнам аст.***
***Хуни ҷигар меҳӯрад то ту шави хандонрӯй,***
***То шави хушбахти олам ӯ дуогу ҳар дам аст.***
***Эй писар таъзим кун бар модарат, дусташ бидор,***
***Сар ба зонуяш гузору ҳикматашро гуш дор.***
***Он касе қадраш надонад кӯр бодо чашми ӯ,***
***Оқибат дар зиндагӣ монад ҳамеша хору зор.***

***Шоқурбонов Сафар,***
***омузгори МТМУ №17-и ноҳияи Восеъ***

# ОБ – ҲАСТИИ ҲАЁТ



Об манбаи ҳастии ҳаёт барои тамоми мавҷудоти олам, набототу ҳайвонот ва ҷомеаи инсонист. Об покиву рӯшноӣ, сафову латофат, назокату нафосати ҳаёту зиндагист. Об мӯъҷизаи бебаҳои табиат буда, асоси пайдоишу пойдории олам аст.

Об яке аз сарватҳои бебаҳои табиат буда, сарсабзиву шукуфоӣ ва пойдории олам ба он марбут аст. Бешубҳа дар он ҷое, ки об вуҷуд дорад, нишони ҳаёти зинда, ободӣ ва хушбахтиву комронӣ низ дида мешавад. Об дар ташаккули организм нақши муҳим дошта, маҳз ба василаи он мубодилаи моддаҳо ба амал меояд. Агар ба оинаи таърихи гузашта бингарем, чунин ба назар мерасад, ки ниёгони мо обро чун неъмати муқаддасу пок парастиш намуда, баъзе анъанаҳои миллиро тавассути он амалӣ мегардонидаанд. Яъне, аз ибтидо об ба сифати неъмати поку равшан ва атокунандаи бахту иқбол шинохта шудааст.

Ҳаёти инсониро бидуни об наметавон тасаввур намуд, зеро, нарасидани об фаъолияти муназзами организмро вайрон намуда, ба заволи он сабаб мегардад.Рангорангии табиати сехрангез, хандаи гулҳои тар, сабзиши рустанӣ, навои обшор, мавҷи сабзи талу теппаҳо бо шарофати ин неъмати беназир ба амал меояд.Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар ситоиши об гуфтааст:

***Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,***
***Сари растанӣ сӯи боло кашид.***

Имрӯз низ ниёзи ҷомеаи мутамаддин ба об афзуда, ҳамзамон, норасоии он дар баъзе кишварҳо боиси нигаронии аҳли башар гардидааст.

Хабари навбатие, ки миллати тоҷикро хушҳол кард, ин бевосита аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо пешниҳоди сарвари давлати мо Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" қабул гардида, он аз ҷониби 193 давлати дунё эътироф карда шуд, ки ин эътирофи миллати тоҷик аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯҳсор буда, зиёда аз нисфи масоҳати он дар баландии 3000 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Кӯҳҳои баланд ва иқлими мусоид Тоҷикистонро ба ватани пиряххо, ки манбаи асосии захираҳои об мебошанд, табдил дода, он аз ҳисоби чунин захираҳо дар Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол менамояд. Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои ҷаҳон ба тағйирёбии ҷиддии иқлим дучор шуда, бар асари links гармшавии ҳарорати ҳаво пиряххои он дар давоми 50-60 соли охир 20-фоизи ҳаҷм ва 30- фоизи майдонашонро аз даст додаанд. Аз ин лиҳоз Тоҷикистон ба ҳифзи захираҳои обӣ , аз ҷумла бунёди обанборҳо эҳтиёҷ дошта, он маблағҳои калони пулиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, мушкилоти таъминоти об танҳо проблемаи минтақавӣ набуда, солҳои охир ба мушкилии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Бар асари гармшавии иқлим норасоии об дар сатҳи ҷаҳонӣ ба миён омада, то соли 2030 боиси он мегардад, ки зиёда аз 40-фоизи сокинони сайёра аз оби нӯшокӣ танқисӣ хоҳанд кашид. Бинобар ин, Пешвои миллат бо дарки ин мушкилии сайёра борҳо диққати ҷаҳониёнро ба ин масъала ҷалб намудаанд.

"-Ҳадафҳои бар асоси ин ташаббусҳо гузошташуда хеле наҷибона, инсондӯстона ва оқилонаву сариваќтӣ буда, онҳо ба бартараф намудани мухолифатҳо байни кишварҳои минтақа дар масъалаи истифодаи захираҳои об фароҳам овардани фазои боварӣ ва эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати пешгирии боз ҳам шаддидтар шудани танқисӣ аз захираҳои об равона шудаанд. Чорабиниҳои номбурда имкон медиҳад, ки сиёсатмадорон, иқтисодчиён, олимону коршиносони соҳа, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ тариқи мубоҳисаҳои созанда ба дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилиҳои соҳа муваффақ шаванд".

Бояд гуфт, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ташаббускори тамоми қатъномаҳои дар даҳсолаҳои охир қабулнамудаи СММ буда, то ин дам се пешниҳод дар ин самт қабул гардидааст. Аз ҷумла, соли байналмилалии "Оби тоза" эълон шудани соли 2003, даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон шудани солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон шудани соли 2013 ва ахиран қабули қатъномаи "даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор,2018-2028" дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Лаҳзае, ки ташнагӣ ғолиб омад мо пиёлаи оби роҳатбахшро нӯши ҷон мекунему Худоро шукр мегӯем, ки ин неъмати ҳаётбахшро барои мо арзонӣ додааст. Ҳар саҳар барвақт кори мо аз истифодаи об сар шуда, давоми рӯз ва то оромидан аз он истифода мебарем. Воқеан ҳам об асоси ҳамаи пешравиҳо ва ҳаёти хӯшу хуррамонаи одамон аст. Сарсабзии табиат, бунёди боғ, ҳосили баланди ғалладона, сабзавот ва тамоми зироатҳо, истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурӣ ба об пайвастагии зич дорад.Об сарчашмаи зиндагӣ, манбаи асосии тозагию зебоии табиат, рӯшноӣ ва мӯъҷизаи бузург аст.

Шукри Худои меҳрубон, мо дар кишваре зиндагӣ мекунем, ки оби фаровону зулол ва роҳатбахш дорад, аммо тасаввур намекунем, ки дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон аз нарасидани об одамон чӣ қадар азият мекашанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аз шаш як ҳиссаи сокинони сайёраи Замин аз нарасидани оби тоза танқисӣ мекашанд. Ҳар сол дар ҷаҳон аз истеъмоли оби нопок зиёда аз 5- миллион нафар одамон, ки аксари онҳоро кӯдакон ташкил медиҳанд, талаф ёфта, зиёда аз се миллион одамон ба бемориҳои гуногуни сироятӣ гирифтор мешаванд.

Кишвари мо дар миқёси ҷаҳонӣ бо захираҳои фаровони оби тозаи ошомиданӣ ҷойи 4-ум ва дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷои якумро ишғол менамояд, ин нишондиҳандаҳо боиси ташвиши ҷиддианд ва ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалношудаи таъмини аҳолӣ бо оби ба дараҷаи лозима поки ошомиданӣ боқи мондааст. Шоир Муҳаммад Ғоиб дар "Қасидаи об" нигоштааст:

***Ҳарчанд, ки се ҳиссаи***
***олам ҳама об аст,***
***Сад мулки дигар***
***ташналабу синакабоб аст.***
***То кам нашавад об кунем,***
***об дили хеш,***
***Аз додани нон обдиҳӣ***
***кори савоб аст.***

Хушбахтона, Тоҷикистон аз ҷиҳати дороии об яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Зиёда аз 50 адад дарёҳои манотиқи гуногуни Ҷумҳурӣ, ки аз оби яху борон пур мешаванд дар пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ нақши муассир доранд. Новобаста аз аҳамияташ баъзе шаҳрвандон дидаю дониста ба об ҳар гуна партовҳо мепартоянд ва боиси ифлосии он мегарданд.

***Сарвиноз ШАМСИДДИНОВА,***
***ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он***

*Ба адл кӯш, ки чун солҳо пас аз Кисро,*
*Ки кас надид дар айвони адли ӯ касро. Маҷдуддини Хофӣ*

Анвори дониш
№3 (327), ҶУМЪА, 11.03.2022

# ҲАРФИ ДОНИШҶӮ

## САҲМИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ МАН



*Баноза ТАЛБАКОВА,*
***донишҷӯи соли 2-юми факултети филологияи хориҷӣ***

Ба ростӣ падару модар дар зиндагии инсон нақши аз ҳама бузургро мебозад. Ташаккулёбии фарзанд аз аҳамияти падару модар сарчашма мегирад. Падару модар чун дарахте мебошанд, ки мо фарзандон меваҳои он дарахт ҳастем.

***Падар - Модар дилу ҷонам шумоед,***
***Чароғи нури имонам шумоед.***
***Бимонад умрҳо андар дили ман,***
***Зи баски шуҳрату шонам шумоед.***

Азбаски падарам дар қайди ҳаёт нестанд, меҳрубониҳои ӯро рӯйи варақ овардан ғайриимкон аст, чунки лаҳзаҳои бо падарам будан дар зеҳнам хело кам боқӣ мондааст.

Набудани падарам маънои онро надорад, ки ӯро тамоман фаромӯш карда бошам, балки баръакс, ёди ӯ, меҳри ӯ ҳамеша бо ман аст, дар дилу дар зеҳни ман буданд ва то абад боқӣ хоҳанд монд.

Падару модари ман фахри ман ҳастанд, номи эшон бароям як дунёи дигарро пеши назар меорад. На танҳо барои ман, балки барои ҳар як фарди солимфикр ва худшинос ноёбтарин ва азизтарин шахс мебошанд.

Яке аз нишонаҳои саодатмандию хушбахтии фарзанд, ин доштани падару модар мебошад. Падару модар барои фарзанд гавҳари ноёб ва қиматтарин мавҷудоти олам мебошанд. Дар васфи падару модар ҳар чи қадар гӯем, васфу ситоиш кунем, кам аст. Бузургии падару модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки онҳо идомадиҳандаи насл, тарбияткунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин, нигаҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошанд. Падару модар дар тӯли умри хеш ҳамеша баҳри он мекӯшанд, ки дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату хайрхоҳ ва дорои ахлоқи ҳамида саҳмгузор буда, онҳоро ба роҳи рост ва ҳаёти мустақилона ҳидоят созанд. Ин масъулияти бузург падару модарро вазифадор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ба камолоти маънавию ҷисмонии фарзандони худ онҳоро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳувияту ифтихори миллӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ ва ҳомии марзу бум будан тарбия намоянд.

Падару модар барои ҳар як фарзанд зеботарин ва азизтарин ашхосанд, аммо аз ин ду якеро Худованд ба ман насиб накард, ки ин падарам мебошад ва мани хурдакак меҳрубониҳои падарро дар ёд надорам. Дар овони кӯдакӣ, вақте падарам аз олами ҳастӣ чашм пӯшидаанд, парвариш, ташаккулёбӣ ва тарбияи мо бар дӯши модарам афтод. Лаҳзаҳое зиёде будаанд, ки модарам аз набудани падарам ранҷ мекашиданд, мушкилоти зиндагӣ моро водор мекард, ки ҳар лаҳза набудани падарро эҳсос кунем, вале чӣ илоҷ, ки тақдирро тадбир нест, гуфтаанд.

Модарам бо ранҷ фарзанд танҳо монд ва бори масъулияти рӯзгор ва тарбияи панҷ фарзандро дар танҳоӣ бар дӯши худ гирифт. Ман хурд будам, вале апаҳоям тамоми рӯзҳои зиндагии модарамро бо чашмонашон дида, он лаҳзаҳои талху мушкилро хуб дар хотир доранд.

Рӯзе пештар аз таълифи ин сатрҳо модарамро оид ба зиндагии гузаштааш суол додам: Модарҷон, аз рӯзгори гузаштаатон, ки моро бепадар, танҳо бо заҳмати худатон ба воя расондед, каме ба мо нақл мекардед?

Дар чашмони модарам ашк ҳалқа заду ғарқи он рӯзҳои сахти зиндагӣ ба фикр фуру рафт. Ӯ баъди каме хомӯшӣ ба шарҳи ҳаёт, пастию баландиҳои рӯзгори хеш ва хусусан, он лаҳзаҳое, ки дар зеҳни ман боқӣ намонда буд, шурӯъ кард. Ӯ гуфт, ки шумо фикр накунед, ки ба осонӣ то мартабаи донишҷӯӣ расидаед.

Ӯ бо оҳистагӣ ва ботамкин доир ба он мушкилиҳое, ки баъди сари падарам ба оилаи мо омад, мушкилиҳое, ки барои таълиму тарбия ва ба камол расонидани мо кашидааст, нақл кард. Фаҳмидам, ки модарам ба хотири он ки мо набудани падарамонро эҳсос накунем, ягон камию костагии зиндагӣ моро рӯҳафтода насозад, ҳастии худро ба мо бахшида, умри хешро баҳри таъмини зиндагӣ ва таълиму тарбияи мо сарф намудааст.

Ногуфта намонад, ки ман дар умри худ инро дарк намудам, ки агар тамоми шароит муҳаё бошад, вале падар болои сар набошад, инсон хушбахтии худро эҳсос намекунад. Аз набудани падарам гилае надорам, зеро Худованд ҳамроҳи мо будани ӯро нахостааст. Модарам бошад, тӯли 15 сол моро хӯронд, пӯшонд ва чун сояи бузурге болои сари мо истод.

***Модар фаришта буд, вале болу пар надошт,***
***Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.***
***Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек,***
***Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт.***

Чи тавре ки дар боло қайд кардем ва шоири бузургвор гуфтааст, модар фаришта аст. Фариштае, ки мо дар ҳар лаҳзаи умри хеш ба буданаш ниёз дорем, тамоми суханҳои дар дил будаамонро танҳо ба ӯ гуфта метавонем.

Дар ташаккулёбии фарзандон кушиши аввалиндараҷа ба модар иртибот дорад. Модар барои бартараф кардани камбудиҳои мо тамоми кушишҳои худро ба харҷ мебарад. Модари ман такягоҳи ман аст. Вақте ки ба олами ҳастӣ чашм кушодам, аввалин шахсе, ки маро ба оғӯш гирифта навозиш медиҳад, ин модарам мебошад.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, модарам камар баста, мо фарзандонашро пару боли хеш донист ва то имрӯз аз уҳдаи панҷ фарзанд мардонавор баромад. Айни ҳол 3 нафар, яъне 1 писар ва 2 духтар баъди гирифтани маълумоти олӣ оиладор, коргар ва ману апаам ба ҳайси донишҷӯ дар донишгоҳ, дар курси дуюм таҳсил менамоем ва ногуфта намонад, ки тамоми ин натиҷаи заҳматҳои пайвастаи модарам мебошад. Шукргузор аз он ҳастам, ки модарам соябон дар болои сарамон ҳаст.

Дӯстон, ман аз ҳамаи шумо хоҳиш менамоям, ки ба қадри падару модари хеш расед, эҳтироми онҳоро ба ҷо оред, зеро рӯзе мешавад, ки барои дидорашон пазмон хоҳед шуд ва ин дидор насибатон нахоҳад гардид. Ман, ки аз хурдӣ меҳри падарро надидаам, аз шумо меҳоҳам, ки қадри ин ду шахси бузургро донед, пушт ба сӯи падару модари хеш нагардонед, зеро ин ду нафар ганҷи ягонаи зиндагӣ ҳастанд.

Хулоса, зиндагӣ пастию баландиҳои зиёде дорад, мушкилот дар тамоми хонаводаҳо ҳаст ва то ҳол дар дунё ягон нафар бе мушкилӣ ба воя нарасидааст. Мавзуи имрӯзаи мо ном дорад "Нақши падару модар дар ташаккули ман". Ростӣ дар ҳаёти ман падарам нақш надорад, метавонам дошта бошад, аммо тақдир инро ба ман насиб накард. Аз ҳамин лиҳоз, ман ин мавзуъро чунин гузоштам "Нақши модари ман дар ҳаёти ман".

Дар ҳақиқат, модар дар зиндагӣ ва дар ташаккули ҳар яки мо нақши аз ҳама муҳимро дорост, чи падар бошад чи на. Агар Худованд офаранда бошад, пас модар ин тарбиядиҳанда, бавоярасонанда, меҳрдиҳанда ва маънои зиндагии ҳар яки мо мебошад. Дар ҳоли ҳозир дар бисёре аз хонаводаҳо падаронро сиёсатмадор, пешбарандаи зиндагӣ ва сутуни хонадон низ мегӯянд.

Аммо дар ҳаёти мо сиёсатмадор, пешбарандаи зиндагӣ ва сутуни хонадонамон ин модарам мебошад. Мо фарзандон на ҳама вақт ба фикри модари худ ҳастем ва на ҳама вақт ба қадри заҳматҳои ӯ мерасем, вале ман боварии комил дорам, ки модари ман дар тамоми лаҳзаи умри хеш ҳар лаҳзаро ба фикри фарзандаш мегузаронад. Вақте ки дар овони кӯдакиам падарам аз дунё гузашт, ягона нафаре, ки дасти моро гирифту ба сӯи зиндагӣ раҳсипор шуд, ин модарам буд. Тамоми бори вазнини зиндагиро бар дӯши худ гирифт, то ин ки моро калон карда, таълим ва тарбияи дуруст диҳад. Зиндагӣ чунон ки дар чашми мо осон метобад, он гуна нест. Агар аз дохил нигарӣ, зиндагӣ кори мушкилу мураккаб аст.

Тӯли ин солҳо модарам мисли дарахте ҳаст, ки мо фарзандон дар сояи он дарахт нашъунамо ёфта истодаем. Заҳматҳои модарам буд, ки мо аз овони кӯдакӣ қадамҳои аввалинамонро ба боғча гузошта, баъд аз боғча ба мактаб ва баъд аз мактаб сазовори номи донишҷӯи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гаштаем.

Шукргузор аз он ҳастем, ки дар курсии донишҷӯӣ нишаста, ба ҳайси як донишҷӯ илм омӯхта истодаем ва дар оянда соҳиби маълумоти олӣ гардида, ба мисли модарам ба халқу ватани хеш хизмат мекунем. Гуфтан ба маврид аст, ки кӯшишҳои пайвастаи модарам ҳаст, ки дар зиндагӣ тамоми шароитҳои мо фарзандон муҳайё гаштааст. Ман ҳамчун як донишҷӯ ҳамчун фарзанди модарам ваъда медиҳам, ки аз гуфтаҳои модарам берун набаромада, сари ӯро дар назди касе хам нахоҳам кард. Кушиш мекунам, ки ифтихори модарам ва сазовори номи неки падарам бошам.

## ХИЗМАТИ ВАТАН-МОДАР



*Фарзона ИБРОНЗОДА,*
***донишҷӯи соли 5 уми факултети филологияи хориҷӣ***

Яке аз масъалаҳое муҳимтарине, ки нуфузи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ мукаррар карда метавонад, ин қудрати ҳимоявӣ ва техникии Артиши миллӣ мебошад. Чунон ки Президенти мамлакат таъкид кардаанд: "Артиш такягоҳи давлат ва сипари миллат аст. Вазифаи асосии он таъмини амнияти Ватан, сулҳу субот дар кишвар ва тамомияти арзии он мебошад. Эътимоди халқ бояд комил бошад, ки Артиши миллӣ ба ҳифзи истиқлол ва амнияти мамлакатамон пурра қодир аст".

Суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эҳёи рӯҳияи миллӣ, таҳкими истиқлол, тарбияи худогоҳӣ ва худшиносиро ба пуррагӣ фарогир аст. Президенти кишвар аз рӯзҳои нахустин таклиф менамуд, ки ҷавонони миллати тоҷик муттаҳиду ягона бошанд.

Санаи 18-уми декабри соли 1992 дар кишвар дигаргунӣ ва навоварии куллӣ ба даст оварда шуд, ки он ба ҳар як даргоҳи тоҷику тоҷикистонӣ ворид гардид. Ин навоварӣ он буд, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарор қабул кард ва ба зинаҳои ҳуқуқии Артиши миллӣ замина ниҳод.

Ба ақидаи ман хизмати Модар-Ватан барои ҳар як ҷавонони кишвар қарзи ҳар як ҷавонмард аст. Баъзе аз ҷавонони мо аз хизмати Модар-Ватан саркашӣ мекунанд, вале кори онҳо нодуруст аст, чунки хизмати Модар- Ватан қарзи ҷонии мост. Таъсисёбии Артиши миллӣ масъулияти ҷавононро дар назди мардуми кишвар дучанд гардонд ва дар навбати худ Ватан ба насли ҷавон эътимод дошт ва дорад.

Омӯзиши таърихи таъсисёбӣ ва рушду тараққии Артиши миллиамон собит мекунад, ки он марҳилаи душворро аз сар гузаронидааст. Дар ҳақиқат, ҳодисаҳои номатлуби ибтидои солҳои навадуми қарни гузашта боиси дилсардии ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ гашта буд ва бархе аз ҷавонон аз адои қарз саркашӣ ҳам мекарданд.

Устуворию мавқеъшиносии сиёсат боиси он гашт, ки ин падидаи номатлуб аз байн равад ва ниғоҳи ҷавонон дар роҳи хизмат кардан дигаргун шавад, аммо тӯли солҳои охир ба назар мерасад, ки чӣ дар саросари кишвар ва чӣ дар вилояти огаҳӣ дорем, ки ҷавонон ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ мераванд, ки ин аз қадамзаниҳои музаффаронаи истиқлол дар кишвари маҳбубамон Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Инак дар фазои сулҳу салоҳи Тоҷикистон ҷавонон соҳиби давлату миллати ягонагашта, Ватан - Модари худро ҳифз менамоянд.

Маҳз дар ҳамин ҷо ҷавонписарон шуҷоату мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт - дӯст доштан ва садиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд. Муҳофизати Ватан муҳофизати обу хоки муқаддаси бобокалонҳои мост. Касе, ки аз хизмати Ватан саркашӣ мекунанд аз хизмати падару модар, аз эҳтироми хоҳару бародари худ саркашӣ мекунад. Даъват ба хизмати ҳарбӣ бояд ид бошад.

Имрӯз саҳфаҳои Артиши миллӣ аз ҳисоби низомиёни касбӣ ки мактабҳои ҳарбии дохилию хориҷии дуру наздикро хатм кардаанд ва мукамал гардидааст.

Мо ҷавонони Тоҷикистон, ки масъулияти эминию озодӣ ва тақдири оянда мамлакату миллатамонро ба души худ гирифтаем, бояд халқамонро ҳамеша ба кору фаъолияти нек ҳидоят намоем.

## ПАЙРАВӢ АЗ УСТОДОНИ БЕҲТАРИН



*Фирӯза АБДУЛЛОЕВА,*
***донишҷӯи соли 1-уми факултети химия, биология ва география***

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 77-сола дошта, ба хоҷагии халқи мамлакат мутахассисони зиёди касбиро равона намудааст. Дар ин муассиса беҳтарин шахсиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва олимону донишмандон фаъолият карда истодаанд.

Устод Миралиизода Абдусалом, яке аз ректоронеанд, ки чунин фаъолияти кориашонро дар донишгоҳ аз дигаргуниҳои назаррас оғоз кардааст. Эшон дар мансаби роҳбарикунанда масъулияти баландро эҳсос карда, даст ба иқдомҳои ободкорӣ заданд, ки боиси пешрафти кор дар донишгоҳ гардид. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ дар сохтори донишгоҳ ободиву бунёдкорӣ симои он тақвияти бахшидани базаи моддии техникӣ ва илмии факултетҳо ба ҳавасманд гардонидани заҳмати устодон корҳоеро ба анҷом дод, ки дар даҳсолаи охири фаъолияти муассиса беназир аст. Фазои муассиса дорои шароити хуби корӣ дошта, маҳз бо заҳмату талошҳои рӯзафзуни ин марди хирад ба даст омадаанд.

Боз шахсияти бузурге, ки дар факултети химия, биология ва география бо ҳайси сардори факултет (декан) Исуфов Дилшод мебошад. Устод дар маддии аввал дастуру супоришҳои ректори донишгоҳро сармашқи кори худ намуда, дар кори хеш содиқона хизматҳои беназир намуда истодааст.

Инчунин, муовини таълимии факултети номбурда Холов Сино мебошад, ки пайваста бо донишҷӯён ҳамкорӣ намуда, аз рафти ҳоли онҳо бохабар мешавад ва кӯмаку дастгириҳои хешро аз онҳо дареғ намедорад.

Муовини тарбиявӣ Бозоров Ҳасан низ дар фаъолияти кори хеш содиқ буда, ба донишҷӯён муносибати хуб дошта, барои пешгирӣ намудани ахлоқҳои бади донишҷӯён кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ҳамин тариқ, роҳбари гурӯҳи 111-и ихтисоси географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳӣ Нурова Озода зани ҳалиму меҳрубон буда, гурӯҳи донишҷӯёнро дастгирӣ намуда, пайваста кӯшиш менамояд, ки бо донишҷӯён дурдаст кӯмаки худро расонад. Бо маслиҳатҳои модаронааш духтаронро ба роҳи рост тарбия намуда, пайваста ба писарон ғамхор буда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ, садоқат ба ватан меомӯзонад. Пайваста таъкид менамояд, ки дар ҷомеа шахсоне шавед, ки аз шумо дигарон ибрат гиранд. Мо донишҷӯён кӯшиш менамоем, ки ба маслиҳатҳои хуби муаллима амал намуда, ба мисли ӯ шахсони арзанда шавем. Мо мефахрем, ки чунин омӯзгори асилу кордон, ҳалиму меҳрубон ба мо тарбия медиҳад.

Муаллимаҳои фанҳо Нозимова Ибодат, Шарипова Бунафша, Набиева Муқаддас, Иброҳимова Руҳшона, Толибова Озода ва Амирова Ситорабону дар касби худ фаъол буда, дар рафти дарсҳояшон мақсади дарсашонро ба донишҷӯён расонида метавонанд. Гарчанде ки онҳо ҷавонанд, аммо кобилияти кории хуб доранд ва аз уҳдаи дарсҳои худ ба хубӣ мебароянд ва муросои хуб бо донишҷӯён доранд. Ман шодам, ки дар ин факултет дар зери чунин шахсиятҳои бузург таълими илм гирифта истодаам. Кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки ба гуфтаҳои омӯзгорон гӯш андохта, супоришҳои додаи онҳоро бе чуну чаро иҷро намоям.

Ваъда медиҳам, ки дар оянда як шахси содиқ ба касбу кори хеш гардида, ба халқу миллати хеш содиқ бошам. Кор ва фаъолияти устодони хешро сармашқи кори худ карда, бо сари баланд дар ҷомеа саҳми худро гузорам

## ГАВҲАРИ ЯКТОИ ЗИНДАГӢ МОДАР АСТ



*Фарида РАҲМОНЗОДА,*
***донишҷӯи соли 1-уми факултети филологияи хориҷӣ***

Бале, модар худ бузургтарин маъниҳои ҳаётро таҷассум мекунад. Бузургони олам дар васфи Зан-Модар беҳтарин ва волотарин суханҳоро гуфтаанд. Масалан: лашкаркаши бузурги фаронсавӣ Наполеон Бонапарт қудрати тавонои модарро чунин тасвир мекунад: "Модар бо як дасташ гаҳвора ва бо дигар дасташ дунёро такон медиҳад".

Воқеан ҳам, модар чашмаи хушкнашавандаи ҳаёти музаффар барои инсонҳои рӯи олам мебошад. Модар чи хел калимаи ширину дилангез аст. Вақте Модар мегӯем, тамоми рӯҳу баданамонро эҳсосоте фаро мегирад, ки аз ин мо ҳаловат мебарем. Модар ба мисли замин якто аст ва муҳаббати ӯ барои мо фарзандон беканор ва ҷовидон аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар сол дар тамоми дунё санаи 8-уми март бо шаклҳои гуногун, аз ҷумла, "Рӯзи модар", "Рӯзи бонувон", "Рӯзи занон" ва ғайраҳо ҷашн гирифта мешаванд. Дар мамлакати мо низ ин рӯз бо мақсади эҳтиром овардан ба зан - модар ҳамчун "Рӯзи Модар" таҷлил карда мешавад.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, тамоми занону модарони зебои мамлакат ва дар шахсияти онҳо тамоми занону модарони дунёро ба ин санаи муқаддас табрику таҳният намуда, бароишон умри дарозу зиндагии осоишта хоҳонам. Бигзор осмони Ватан софу беғубор бошаду дар он ҳамеша овози хандаи модарону кӯдакон садо диҳад.

Бори дигар Рӯзи модар муборак бошад, модарону бонувони азиз!

# МАОРИФ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

*Ҳалима ВАЛИЕВА,*
*ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима дар байни дигар халқу миллатҳо шинохта шуда, имрӯз мавқеи муайянро молик аст. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои созанда ва такомул бахшидани онҳо ақлу заковат ва хиради азалӣ лозим меояд. Фикр мекунам, ки мо мардуми Тоҷикистон хушбахтем, чун Худо ба мо роҳбареро насиб кардааст, ки ҳамеша пайи ободӣ ва сарҷамъии миллат аст. Оре, нақш ва мавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва нигоҳ доштани он бузург мебошад. Барои он аз истиқлолият оғоз намудам, ки рушди тамоми соҳаҳо маҳз аз ободиву осудагии кишвар сарчашма мегирад. Барои устувории андеша дар бобати кордониҳои муҳтарам Пешвои миллат мехоҳам иқтибосеро нависандаи (равоншинос) англис Норман Коупленд оварда бошам: "Таърих бовар мекунонад, ки роҳбарони бузург таввлид намегарданд, балки пайваста ташаккул меёбанд. Онҳо бениҳояд маълумоти касбии хуб доштанд ва ҳаматарафа, яъне ба таври универсалӣ рушдёфта буданд, ки вай аз маҳорати худи инсон маншаъ мегирад". Оре, мо имрӯз ин гуфтаҳои равоншиноси англисро дар санъати баланди касбии муҳтарам Пешвои миллат мушоҳида менамоем.



Чун ҳамасола, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон, ки рӯзи 21-уми декабри соли 2021 ироа гардид, ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид доштанд, ки соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки давлат ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеаи имрӯза нақши муҳаррик мегузорад. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз дар зери сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи сарвари давлат ҷавонону донишҷӯён имтиёзҳои зиёдеро соҳиб гардида басо бо шароитҳои мусоиди таҳсил ва касбомӯзӣ таъмин гардида истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар як давру замон олимону обидон донишмандону мутафаккирон пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб мераванду сатҳи маърифатнокию ҷаҳонбинии илмии мардумро баланд мебардоранд. Ҳамин аст, ки Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи донишомӯзӣ ва сатҳи касбияти ҷавонон истодагарӣ намуда, аз масъулин талаб намуданд, онҳоро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забони русӣ ва англисӣ ҷалб намоянд. Дар ин росто гуфта шуд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Инчунин, қайд гардид, ки "бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таърихи фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад".

Шукргузори онам, ки миллати бузурги тоҷик имрӯз давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва соҳибистиқлол гардидааст.

Бинобар ин, ҳар як сокини мамлакат бояд бо шукронаи сулҳу субот ва оромиву осудагии кишвар ҳамеша барои раванди бунёдкориву созандагӣ саъю талош намояд. Дар шароити имрӯза талқини ғояи ватандӯстӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои калидии ҳар як шахси масъули давлатӣ, мактаб, омӯзгор, падару модар ва аҳли ҷомеа мебошад.

Дар умум, Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамчун ҳуҷҷати муҳим барои рушди босуръати кишвар мусоидат менамояд, сармашқи кори мо бошад ва аз омӯзгори имрӯза талаб карда мешавад, ки наврасро ба худшиносиву худогоҳу ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯзиши илму дониш тарғиб намоем.

# ХОҲАРИ ТОҶИК

*Хоҳари тоҷик, асло пеши кас зорӣ макун,*
*Ёри дилсӯзе наёбӣ, ҳеҷ гоҳ ёрӣ макун.*
*Ҳамрааш гар меравӣ, андеша дор аз макри он,*
*Аз чунин маккор умеди вафодорӣ макун.*
*Қисматат бо ёри дисӯзе агар пайваста шуд,*
*Ту гиромӣ дор ӯро, дӯстозорӣ макун.*
*Фарқ кун дӯстро зи душман дар чунин раъду бадал,*
*Хешро хорӣ куну бар ҳеҷ кас хорӣ макун.*
*Ҳеҷ гоҳ наздик машав бо курдилони булҳавас,*
*Ҳар матои номуносибро харидорӣ макун.*
*Дар дили шерам наёбӣ гар ту набзи зиндагӣ,*
*Тӯъмаи оташ шаву назди аду зорӣ макун.*

***Низом БАРОТ***

Солҳои охир яке аз мушкилиҳое, ки имрӯз тамоми ҷомеаи муосирро фаро гирифтааст, ин экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроти номатлубу хатарзо мебошад.

Вобаста ба вазъияте, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омадааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати сарони давлатҳо, ин мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм мебошад. Аз оғози ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз масъалаи муҳим ба монанди таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ дучор гардид. Авҷи хатари терроризм ва экстремизм ин ҳодисаҳои марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо дар солҳои 1992-1997 мебошанд.




# ТЕРРОРИЗМ – ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан аксаран ташкилотҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии шахсон таъсир расонида, шаҳрвандони гуногуни дунёро бовар кунониданӣ мешаванд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1-уми Конститутсия худро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуда, онро ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намуда, дар моддаи 100-уми Конститутсия бошад, онро ҳамчун омилҳои тағйирнопазир донистааст, ки тибқи он шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд.

"Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст". Эмомалӣ Раҳмон

Терроризм аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ чунин аст: "Ин содир намудани амалҳое мебошанд, ки ба одамон хатари марг ба миён меоварад, истифодаи он мақсади ҷисмонӣ, бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад".

Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат мумкин аст, эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он мумкин аст ба ифротгароӣ сабзида расад.

Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш - таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Истилоҳи "терроризм" (аз калимаи лотинии "terror") гирифта шуда, маънояш "тарс ва ваҳм" мебошад.

***Нигина НУРОВА,***
***ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ***

# ТЕРРОРИЗМ ХАТАР БА ҶОМЕАИ ИНСОНИСТ!

Дар замони муосир сар задани зуҳуроти гуногун дар саросари дунё, аз ҷумла муноқишаҳо, задухӯрдҳо, ҷангҳо, иғвоангезӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ба манфиати гурӯҳҳои алоҳида буда, ба афкори шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш бамаротиб таъкид менамоянд, ки: "террорист дину мазҳаб, миллату давлат надорад". Терроризм падида ва зуҳуроти номатлуби асри XXI ба шумор рафта, ҳазорон нафарро ба доми худ кашидааст, ки дар натиҷаи пайвастан ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва иштирок дар амалиётҳои террористӣ ба ҳалокат расидаанд.

Терроризм дар таърихи чандинҳазорсолаи худ марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, дар замони муосир хусусияти байналмилалиро пайдо намудааст. Дар замони муосир терроризм бештар характери сиёсӣ, миллӣ ва динӣ дошта ҳар кадоми он усул, восита, манба, идеология ва дастгоҳи махсуси худро доро мебошад. Субъекти асосии терроризм ин шахсиятҳои алоҳида, ва ташкилотҳое ба шумор мераванд, ки гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористиро бо яроқу аслиҳа, маблағ ва техникаву технология таъмин намуда, дар минтақаҳои гуногуни олам ба воситаи зурӣ, тарсу ҳарос ва қатлу куштор манфиатҳои худ ва хоҷагони худро ҳифз менамоянд. Амалҳои террористӣ дар ҷомеа нооромиро ба бор оварда, иродаи одамонро заиф, дар зеҳни онҳо тарсро ҷо намуда, монеаи пешравӣ, рушди зеҳниву эҷодкории инсон мегардад.

Азият додану одамрабоӣ намудан ба қатлу куштор даст задан, бераҳмию ноадолатона рафтор намудан магар нишонаи инсони комил аст? Чун ба ақли солим ин ваҳшониятро нигарем, ҳеҷ гоҳ бо ин афроди бадхоҳу бадсиришт роҳ намедиҳем, то ба мақсадҳои нопоки худ ноил гарданду ҷамъияти моро халалдор созанд. Мақсади онҳо ғайр аз ғаразҳо чизи дигаре нест. Бояд ёдрас шуд, ки онҳо ягона мақсадашон ноором сохтани ҷамъият ва ба беадолатиҳо роҳ додан аст. Бисёре аз ҷавононе, ки ба ин гурӯҳҳо шомил мешаванд, саводи кофӣ, ақли солим надошта бо сад ҳилаву найранг, бо сад ваъдаҳои бардурӯғ фирефтаи ин гурӯҳҳои тундрав мешаванду ҷони ҷавони хешро аз даст дода, ба дили садҳо модарону падарон ғайр аз доғи фарзанд чизе боқӣ намемонанд.

Афсус, ки баъзе аз ҷавонони ноқисулақли ҷомеа дар замони муосир илмҳои замонавиро аз худ намудану барои оянддаи худ зинаеро ишғол карданашон ва дар ҷомеа ҳамчун шахсони соҳибмаълумот нуфуз пайдо намудан ба беҳудагардию корҳои ношоям даст мезананд, ки умри ҷавони хешро барбод медиҳанду ба корҳои ношоям сару кор мегиранд.

***Зафар СОДИҚОВ, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг***

# ТАВАҶҶУҲИ ХОССАИ ҲУКУМАТ БА МАҚОМИ ЗАН



*Дилафрӯз ҚОДИРОВА,*
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи МТФ ва ТМ*

Имрӯзҳо пешрафти дилхоҳ соҳаро бе иштироки занону духтарон тассавур кардан ғайриимкон аст. Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону духтарон дар ҷомеа мақоми хосса пайдо кардаанд ва дар тамоми соҳаҳо кору фаъолияти назаррас менамоянд. Боиси ифтихор аст, ки Сарвари давлат меҳнати занону духтаронро қадр карда, нисбат ба фаъолияти эшон назари нек дорад ва андешаву афкор қобилияти истеъдод ва садоқату ҷасорати ҳар як нафарро дарк мекунанд.

Ин аст, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа иштироки фаъолонаи занону духтарон зиёд ва мушоҳида мерасад. Даврони соҳибистиқлолӣ дар назди ҷавонон, аз ҷумла, занону духтарон рисолати пурмаъсулияти ватандорию ватансозиро пеш гузошт. Ин рисолати муҳими таърихӣ тақозо менамояд, ки онҳо бо тарбияи насли худогоҳу худшинос қарзи фарзандии худро дар назди Ватан содиқона адо намоянд.

Дар робита ба дастгирии занон фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баланд бардонтани мақоми зан дар ҷомеа" аз 3 декабри соли 1999 ба тасвиб расид, ки дар ҳаёти занон ва ҷавондухтарон саҳифаи тоза боз намуд. Дар заминаи ин фармони тақдирсоз боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили "Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010" Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2001 "Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005", "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқадманд барои солҳои 2007-2016", "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020", "Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023", "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқадманд барои солҳои 2017-2020 қабул гардиданд.

Ҳукумати кишвар бо назардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангию маънавӣ шакли муайяни сиёсати беҳгардонии шароити занонро ба тарви хос кор карда баромад.

Имрӯз дар мақоми қонунгузор, яъне Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 зан узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки 19,4 %-ро ташкил медиҳанд. Айни замон 4 зан раисону шаҳру ноҳияиҳои ҷумҳурӣ мебошанд. Соли 1995 дар таърихи навини Тоҷикистон бори аввал тоҷикзанон дар кори конфронси ҷоруми умумиҷаҳонӣ занон дар шаҳри Пекин ширкат варзиданд, ки ин барои зани тоҷик ифтихор ва самари амалишавии фармони Пешвои миллат буд.

Новобаста ба мавҷудияти мушкилиҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар ин давра дар самти тадбиқи нишондодҳои ин ҳуҷҷатҳои муҳим ба дастовардҳои назаррас дар самти таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар кишвар ноил шавад. Самараи истиқлол ва талошҳову дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат буд, ки имрӯз зани тоҷик аз минбарҳои баланди созмону мақомоти гуногуни кишвар ва байналмилалӣ садо баланд карда, аз ҳуқуқҳои хеш дифоъ ва аз музафариятҳои худ ифтихор менамоянд. Саъйю талошҳои ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат буд, ки Тоҷикистон ба ҳайси узви Комиссияи СММ оид ба мақоми занон пазируфта шуд, ки ин эътирофи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки бо як қадами ҷиддӣ дар самти татбиқи сиёсати гендерӣ арзёбӣ мешаванд.

**Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем.**
**Эмомалӣ Раҳмон**



Чунон ки дар Паёми навбати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат қайд намуданд: "Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад."

Мувофиқи натиҷаҳои интихоботи соли 2020 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 8 нафар занон ё 25,8 фоиз ва Маҷлиси намояндагон 15 нафар ё 23,8 фоиз интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта қариб 4 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи занон дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Душанбе ба 41,5 фоиз, вилоятҳои Хатлон қариб 35 фоиз, Суғд беш аз 33 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиёда аз 34 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб 30 фоиз расидааст. Занону бонувони лаёқатманд ва соҳибкасбу баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлат торафт бештар ҷалб гардида истодаанд. Ба ҳолати январи соли 2021 аз шумораи умумии 19210 нафар хизматчиёни давлатӣ 4485 нафар ё 23,4 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Саҳми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68 фоизро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Фаъолияти бонувон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар низ назаррас буда, ҳоло шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35600 нафар ва занони соҳибкор 77400 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳукумати мамлакат ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад.

Бо ин мақсад, ба Кумитаи кор бо занон ва оила супориш дода мешавад, ки лоиҳаи Қарори Ҳукумати мамлакатро дар бораи "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030" ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021 - 2025 таҳия ва пешниҳод намоянд.

Дар фарҷом ҳаминро бояд таъкид намуд, ки ин ҳама дастгирӣ ва таваҷҷуҳ нисбат ба занон гувоҳӣ медиҳад, ки оянда онҳо дар рушди кишвар саҳми аз ин ҳам бештар мегузоранд. Зан мубориз қавиирода буда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи давлату ҳукумат нақши ҳалкунандаро мебозад. Дарки амиқи ин нуктаи басо муҳимро ба эътибор гирифта, ҳуқуқи занро эътироф ва мақому манзалати онро дар ҷомеа рӯз аз рӯз батадриҷ меафзоянд.

# АКСҲОИ ГӮЁ








*Такя бар ҷои бузургон натавон зад ба газоф,*
*Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ.* *Ҳофиз*



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 4 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кардаанд, ки аз ин шумора 1 нафар кроссвордро бехато пешниҳод карданд: Суфиев Хайриддин (02.03. 2022, соати 14:42, 4 хато), Азиззода Сироҷиддин (02.03.2022, соати 17:15, бехато), Каримзода Ҳисайн (03.03.2022, соати 07:29, 1 хато), Амирова Ситорабону (03.03.2022, соати 08:31, 2 хато).

Аз ин рӯ, мо ба хонандагоне, ки ба идора ҷавобҳои худро ирсол карданд, сипос мегӯем, аммо ғолиб танҳо нафароне мешаванд, ки пеш аз дигарон ҷавобҳояшонро дуруст пешниҳод кардааст. Дар ин шумора ғолиб Азиззода Сироҷиддин мебошад, зеро ҷавобҳо бехато пешниҳод гардидаанд.

*Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад.*

*Мӯҳлати қабули ҷавобҳои кроссворди мазкур то 25.03.2022 муайян шудааст.*




**ДИҚҚАТ!**

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 100 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

# 70-СОЛАГӢ МУБОРАК БОШАД, МУАЛЛИМА!



Имрӯз Иззатова Муҳаббат, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зодрӯз доранд ва ба синни муборакӣ 70-солагӣ қадам мегузоранд.

Раёсат, ҳайяти профессорону устодони донишгоҳ, инчунин, ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" муаллимаи гиромиро ба ин санаи муборак табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд.

Бароятон дар ин рӯзи хуҷастапай офиятмандию хуррамӣ, умри бардавом, саодати бегазанд, некрӯзиву комронӣ, муваффақиятию пешсафӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди эҷодиро орзумандем. Бигузор пайваста дилатон шоду рӯзгоратон пур аз хӯшиҳо бошад!

Чу Саъдӣ пир гардӣ, кам набинӣ,
Чу Ҳофиз шод бошӣ, ғам набинӣ.
Чу Ҷомӣ оқилу фархунда бошӣ,
Чу Сино дар дилу дар дида бошӣ.

Ба Шумо тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандем. Бигузор кабутари орзуҳоятон дар туғёни уқёнусҳои беохир сайри бурдбориҳо дошта бошад.

70-умин солгарди зодрузатон муборак, муаллимаи гиромии мо!

# 14 ДАЛЕЛИ ҶОЛИБ ДАР БОРАИ АЛБЕРТ ЭЙНШТЕЙН

1. Эйнштейн ба монанди ҳамаи одамони нафиб баъзе хислатҳои аҷоибу ғароиб дошт. Вай ҳеҷ гоҳ ҷуроб намепӯшид ва онро бефоида меҳисобид.

2. Дар муқоиса ба майнаи сари одамони одӣ устухони пешонии Эйнштейн (қисме, ки маълумотҳоро таҳлил ва коркард менамояд) 15% васеътар буд.

3. Эйнштейн ғиҷҷакро хеле дӯст медошт ва худаш тасдиқ мекунад, ки агар олим намебуд, мусиқачӣ мешуд, зеро ӯ зиндагӣ, афкор ва андешаи худро тавассути мусиқӣ медид.

4. Эйнштейн ҳамаи маблағҳои аз Ҷоизаи Нобелӣ бадастоварда, аз рӯи ҳисобҳои имрӯза тақрибан 32 250 $ ё 400 000 $-ро ба завҷааш Милева Марич медод, ки аз маоши профессор якчанд маротиба зиёдтар буд.

5. Эйнштейн бо духтари амакаш, яъне ба завҷаи дуюмаш, ки Элза ном дошт, оиладор шуд ва ӯ духтари амаки олим - Рудолф Эйнштейн буд.

6. Эйнштейн дар ибтидои фаъолияти худ дар маркази патентӣ кор ва ба патентҳои дастгоҳҳои электромагнитӣ баҳо медод.

7. Ғиҷҷаки Эйнштейн Лина ном дошт.

8. Эйнштейн хотираи хуб надошт ва ҳамеша ному чеҳраи инсонҳо ва рақамҳоро фаромӯш мекард.

9. Новобаста аз оне ки ҳамагон Эйнштейнро аз рӯи назарияи нисбият мешиносанд, олим Ҷоизаи нобелиро барои кашфи ҳодисаи фотоэффект гирифтааст.

10. Эйнштейн ба мисли Шелдон Ли Купер аз силсилафилми "Назарияи таркиши бузург" аз омӯхтани рондани мошин даст кашид.

11. Дар ибтидои асри XX Эйнштейн маҷбур шуд, ки кӯдакони синни мактабиро омӯзонад, зеро вазъи моливиаи ӯ хеле паст гардида буд.

12. Эйнштейн тӯли 20 сол, аз соли 1913 то соли 1933 директории Институти физикаи кайзер Вилгелмро бар уҳда дошт.



13. Ба шарафи исми Эйнштейн синдроме номгузорӣ гардидааст, ки алоаматҳои асосии он хуб инкишоф наёфтани нутқи кӯдакони то синни 5-сола мебошад. Ин синдромро духтур Томас Соуэл кашф намуд.

14. Ба Эйнштейн муяссар гардид, ки фақат ҳисобкуниро дар муддати 15 сол аз худ намояд.

Мавод аз Фейсбук

# АҶОИБОТИ ОЛАМ



1. Чиниҳо истифода бурдани рақами "чор"-ро дӯст намедоранд, зеро он синоними калимаи "марг" аст.

2. Кӯҳи Рораймa дар сарҳади се давлат-Бразилия, Венесуэла ва Гайана ҷойгир шудааст.

3. Шондонг - бузургтарин ғори дунё ба шумор меравад, ки дар Ветнам воқеъ гардидааст.

4. Дар дунё халқу миллатҳои зиёдеанд, аммо кулли мардум якхела механданду якхела мегирянд.

5. Дмитрий Менделеев дар оила фарзанди 17-ум буд.

6. Зиёда аз 4 миллиард инсон дар Осиё зиндагӣ мекунад, ки ин 60 % аҳолии рӯи ҷаҳонро ташкил медиҳад.

7. Мувофиқи қонунҳои Туркиё дашном ва таҳқир кардани номи Отатурк манъ аст. Аз ин рӯ, барои фарзандон номи Отатурк гузоштан аз рӯи қонун мумкин нест.

8. Ал-азҳар кӯҳантарин Донишгоҳи ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар Миср ҷойгир шудааст ва то ҳол амал мекунад. Ба он соли 970 мелодӣ асос гузошта шудааст.

9. Эҳтимол барои тамоми мухлисони футбол садои "Оле-оле-оле" шинос бошад. Аввалин маротиба онро мухлисон дар чемпионати Испониё сароидаанд. Дар асл худи ҳамин калима арабӣ буда маънои "Аллоҳ-Аллоҳ-Аллоҳ"-ро дорад.

10. Шаҳрванди Амрико Уолтер Каван бо кортҳои пластикӣ худ ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид шудааст. Ӯро мистер "Пластик - Фантастик" мехонанд, зеро дар дасти ин шахс 1497 корти пластик мебошад.

Таҳияи Шаҳзод Орифӣ, ассисиенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи Коллеҷи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

# АНДАР БОБИ МОДАР

Модар ягона офаридгорест, дар рӯйи замин, ки худошиносон намедонанд.

Пегуве

XXXX

Зан заиф аст, аммо модар пурқувват аст.

Виктор Хюго

XXXX

Зан на танҳо бо дидан хуш карда мешавад, аз чашм дида, зиёдтар бо гӯшат хуш кун.

Томас Фюлер

XXXX

Гул бахри бӯй додан ва зан бахри хушбахт кардан офарида шудааст.

Г. Гердони

XXXX

Зан мисли гул аст, ҳамин, ки шукуфт, баргҳояш зуд мерезанд.

Шекспир

XXXX

Занон аз мардон дида зиёдтар соҳиби ҳикматанд, кам медонанду бисёр мефаҳманд.

Ч. Дюҳемл.

XXXX

Зан, ки моро дӯст дошт, ҳама гуна хатоҳоямонро мебахшад.

Балзак

XXXX

Зани солеҳа ними имон аст.

Маънои ҳадис

XXXX

Марде, ки бар ҷафои зан таҳаммул намекунад, иддао карда наметавонад, ки ман аз он болотарам.

Абӯ Мутӣ ал-Балхӣ

XXXX

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

МИРАЛИЗОДА АБДУСАЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

ХОЛИҚЗОДА АЙНИДДИН, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

РАФИЕВ САФАРХОН, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

НАЗАРОВ ҲОТАМ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома махсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 6000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: қорӣ: (83322) 3- 31- 15, мобилӣ: 985-76-77-12; 981-00-02-19